**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД: 63.3 (5Т)** *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ҲАМИДОВА МАНЗУРА МАҲМУДОВНА**

# ««ТАЪРИХИ ИНҚИЛОБИ ФИКРӢ ДАР БУХОРО»-И САДРИДДИН АЙНӢ – ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ»

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих)**

**Душанбе – 2022**

Диссертатсия дар кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Ғаффорӣ Нуъмонҷон Усмонзода** - доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Пирумшоев Ҳайдаршо -** доктори илмҳои таърих, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ.

**Шарипов Шавкат –** номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики «МДТ» Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

**Ташкилоти тақриздиҳанда:** **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Ҳимояи диссертатсия санаи 16 феврали соли 2023, соати 15:00 дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 барои ҳимояи диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, ки дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) амал мекунад, баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) ва дар сомонаи расмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (www.institute-history.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «___» __________ соли 2023 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Раҷабов А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот**. Дар таърихи миллату давлат шахсиятҳое арзи ҳастӣ кардаанд, ки онҳоро метавон чун намояндаи як давраи таърихӣ муаррифӣ намуд, дар зиндагиномаи онҳо воқеот ва ҳодисаҳои як давраи таърихи кишвар ба таври ҷолибу хотирмон акс ёфтаанд. Нависандаи забардаст, асосгузори адабиёти шуравии тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ (1878-1954) аз зумраи чунин ашхос дар таърихи ҳаёт ва фарҳанги халқи тоҷик маҳсуб меёбад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш ҳангоми мулоқот бо зиёиёни кишвар (соли 2008) роҷеъ ба фаъолияти қаҳрамонона ва фидокоронаи фарзандони барӯманди миллат дар ҳамин давра чунин ибрози назар намуда буданд: «Маҳз дар ҳамин давра ҷунбиши миллие ба миён омад, ки бо номи Садриддин Айнӣ ва дигар фарзандони миллатдӯсти тоҷик алоқаманд аст, ки онро метавон ҳаракати шуубияи даврони шӯравӣ номид. Устод Айнӣ тимсоли зиёии пешқадаме мебошад, ки тамоми умр ва фаъолияти серҷабҳаашро сарфи хизмат ба миллати хеш кардааст. Баробари таъсис ёфтани Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯ бо тамоми ҳастиаш ба он пайваст ва барои рушди забону адабиёт, илму маориф ва фарҳанги халқи тоҷик хизмати беназир кард»[1].

Садриддин Айнӣ ҳамчун таърихнигор муаллифи як қатор асарҳои илмӣ оид ба таърихи Осиёи Марказӣ дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX мебошад, ки дар он ҳодисаҳои таърихӣ воқеъбинона таҷассум ёфта, ҳамчун асарҳои классикӣ ба фонди илмӣ дохил гардидаанд. Бояд таъкид намуд, ки дар илми таърихнигории тоҷик омӯзиши нақшу мақоми Садриддин Айнӣ ва осори гаронбаҳояш, ки ба тариқи воқеӣ инъикосгари ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик мебошанд, аҳамияти махсус дорад.

Аз масоили мубраме, ки имрӯз таваҷҷӯҳи соҳибназарон ва муҳаққиқонро ба худ ҷалб намуда, ба таҳаввули ҷомеа таъсири амиқ гузоштааст, ба вуқӯъ омадани инқилоби фикрӣ маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи таърихи инқилоби фикрӣ ва заминаҳойи пайдоиши он дар асоси асари Садриддин Айнӣ - «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» аҳамияти бузурги илмиро касб намудааст. Дар асари мазкур Садриддин Айнӣ ҳамчун таърихнигор ҳаёти воқеии як давраи басо мураккаби таърихи халқи тоҷикро инъикос намудааст, ки дар баёни ҳодисаю воқеоти ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии охири асри XIX ва аввали асри XX-и Аморати Бухоро мисли оинаест, ки пеши назари хонанда тамоми дасисаҳо, ҷоҳталабии уламои иртиҷоии динӣ, бетарафии амирон ва дар баробари ин ҳаёти вазнину тоқатфарсои халқҳои Бухоро, аз ҷумла халқи тоҷик ба таври воқеӣ намудор мегарданд. Аз асари мавриди пажӯҳиш маълум мегардад, ки хусусияти воқеаҳои таърихии охири асри XIX ва ибтидои асри XX таваҷҷӯҳи Садриддин Айниро беш аз ҳама ба худ кашидааст ва ӯ андешаҳояшро дар фаслҳои

---

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Муждаи бахту пайки пирӯзӣ // Омӯзгор.- №13.- 2008.- 28 март.

алоҳидаи асари мазкур, ба монанди: «Мактаби усули савтия», «Як назар ба аҳволи уламои Бухоро», «Аввал бор баста шудани мактаби нав», «Мактаби тоторон», «Фитнаи шиаву суннӣ», «Асари мунозираи мактаб ва муҷодилаи шиаву суннӣ», «Таъсиси ҷаридаи «Бухорои шариф» ва «Тӯрон»», «Масъалаи ислоҳоти Бухоро», «Вақоеи инқилоби Русия ва фоҷеаи Бухоро», «Як назар ба аҳволи тараққипарварони Бухоро», «Иҷмоли аҳволи тараққипарварон баъд аз инқилоб», «Ҳукумати Бухоро аз Инқилоби Русия чӣ истифода кард?» ва ғайра таҷассум намудааст. Ҳамзамон, С. Айнӣ оид ба вазъи умумии инкишофи ҳаёти сиёсӣ, адабию фарҳангӣ ва фаъолияти намояндагони ҷудогона чун иштирокдори фаъоли раванди эҷодии замони худ мушоҳида, таассурот ва нуқтаи назари худро изҳор доштааст, ки дар воқеъ аз арзиши вижаи илмию амалӣ доштани асари «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» шаҳодат медиҳад. Мулоҳизаҳои Садриддин Айнӣ дар «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» минбаъд барои таълифи осори дигари илмии ӯ, аз ҷумла асарҳои бунёдию сарнавиштсози «Намунаи адабиёти тоҷик», «Таърихи амирони манғития», «Ёддоштҳо» ва ғайра заминаи муҳимму боэътимоде гардидаанд.

«Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и Садриддин Айнӣ аз нигоҳи баёни воқеаҳои таърихӣ аз дигар асарҳои пажӯҳишгарон фарқият дошта, дар соҳаи таърихнигории тоҷики асри XX ва ҳатто таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ камназир аст. Дар асари мазкур ҳаёти сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии Аморати Бухоро дар охири асри XIX ва аввали асри XX ба таври воқеӣ инъикос гардидаанд, ки далели мубрамияти таҳқиқи мавзӯи мазкур аст ва аҳамияти бузурги назариявӣ ва илмӣ-амалӣ дорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Асари Садриддин Айнӣ - «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳанӯз мавриди таҳқиқу пажӯҳиш қарор нагирифтааст, ҳарчанд паҳлӯҳои гуногуни он дар китобу таълифоти муаллифони ватаниву хориҷӣ ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Аз ин лиҳоз, барои осон намудани таҳлил ва баррасии сатҳи омӯзиши мавзӯъ ва таърихнигории он доираи таҳқиқотро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст:

Ба **гурӯҳи якуми** таҳқиқот - осор ва мақолаҳои дигари Айнӣ, ки ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Аморати Бухороро дар охири асри XIX ва аввали асри XX мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, дохил мешаванд ва барои омӯзиши таърихи халқи тоҷик маъхази хеле муфид шуда метавонанд. Чунончи, «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам», «Таърихи инқилоби Бухоро», «Ёддоштҳо», «Таърихи амирони манғития», «Ҷаллодони Бухоро» ва ғайра..[1];

[1]Айнӣ Садриддин. Осори баргузида дар ду ҷилд. (Тартиб. дуҷилда бо дебоча ва тавзеҳоташ К. Айнӣ, Муҳар. Ш. Шараф). Душанбе, «Ирфон», 1978. ҷилди 2. Акнун навбати қалам аст. 1978. - 464 саҳ.; Айнӣ Садриддин. Куллиёт.ҷилди 1.Нашриёти давлатии Тоҷикистон:-Сталинобод, 1958.-346 саҳ.; Айнӣ С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам // Куллиёт. Ҷилди 1. – Сталинобод, 1958. – с. 51; Айнӣ Садриддин. Куллиёт. ҷилди 10. Нашриёти Ирфон:-Душанбе, 1966.- саҳ.105; Айнӣ Садриддин. Таърихи инқилоби Бухоро// баргардонанда аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ ва мураттиб Раҳим Ҳошим//-Душанбе: Адиб, 1987.- саҳ.23

Ба **гурӯҳи дуюми** таҳқиқот - осори муаррихон, адабиётшиносон, забоншиносон, файласуфон, сиёсатшиносон, ба монанди А. Самойлович[1], З.Ш.Раҷабов[2], И.С.Брагинский[3], Б. Ғафуров[4], А.Маниёзов[5], М. Шакурӣ[6], М.Ш.Бухороӣ[7], Ю.И. Бобоев[8], К.Айнӣ[9], А.Сайфуллоев[10], Н.Б.Ҳотамов[11], А.К. Алексеев[12], М.С.Имомов[13] ва дигарон дохил мешаванд, ки дар онҳо оид ба Садриддин Айнӣ ва осораш маълумоти басо ҷолиб оварда шудааст.

Қобили тазаккур аст, ки Садриддин Айнӣ дар «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» дар бораи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии халқҳои Осиёи Миёна маълумоти дақиқ додааст, ки онро мо дар осори дигар олимону муҳаққиқони рус ва хориҷӣ, яъне В.В. Бартолд, А.Семенов, О. Сухарева, Л. Шек, Н. Кисляков, Н. Халфин, А. Фомченко, Б. Лунин, Т. Тӯхтаметов, А. Рябинский, О. Чехович, Л. Левтеева, М. Векселман, Г. Михалева ва дигарон низ мушоҳида менамоем, ки онҳоро ба **гурӯҳи сеюми**

---

1 Самойлович А. Первое тайное общество младобухарцев // Восток: Журнал литературы, науки и искусства.- Книга 1.- Петербург, 1922.- С. 97-99; Аз они ӯ: Ҷамъияти махфии ҷавонбухороиён, 1922 / Таҳияи С. Табаров // Омӯзгор.- 1989.- 26 декабр.

2 Раджабов З. Садриддин Айнӣ – историк таджикского народа. - Таджикгосиздат: Сталинабад, 1961.- 86 с.

3 Брагинский И.С. Садриддин Айнӣ. - Сталинабад, 1948; Аз они ӯ: Проблемы творчество Садриддина Айнӣ. - Душанба: Ирфон, 1974; Садриддин Айнӣ. Очерк дар бораи ҳаёт ва эҷодиёт. Мақолаҳои Академияи илмҳои РСС Тоҷ., чилди XXIV соли 1954

4 Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик (Краткая история таджикского народа). Сталиабад, 1949.

5 Маниёзов А. Публитсистика ва ашъори Садриддин Айнӣ (1913-1921).- Сталинобод: Тоҷгосиздат, 1958.

6 Шакурӣ М. Ш. Садриддин Айнӣ - равшангари бузурги тоҷик. Омӯзгор. -1998, 15 апрел;

7 Бухороӣ М.Ш.Фитнаи инқилоб дар Бухоро.-Душанбе: Шуҷоиён,2010.-158 саҳ.

8 Бобоев Ю.И. Садриддин Айнӣ.- Душанбе, 1968.

9 Айнӣ К. Жизнь Садриддина Айнӣ.- Душанбе: Дониш, 1982

10 Сайфуллоев А. Ҷадидизм: моҳияти таърихии он чист? // Адабиёт ва санъат.- 1988.- 8 декабр.

11 Н.Б.Ҳотамов. Инъикоси инқилоби Халқи Шӯравии Бухоро дар асарҳои Садриддин Айнӣ.- Душанбе,1980; Ҳотамов Н.Б. С.Айнӣ ва револютсияи Бухоро. (Ба муносибати 90-солагии рӯзи таваллуди С.Айнӣ). //Маҷаллаи “Мактаби Советӣ”, 1968, №9. Саҳ. 20-44; Ҳотамов Н.Б.Инъикоси вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсати Аморати Бухоро дар асарҳои таърихии С.Айнӣ (аввали асри XX)//Сборник аспирантских работ кафедры истории СССР ТГУ им. В.И.Ленина – Душанбе, 1968, с.69-83; Ҳотамов Н.Б. Воқеаи Колесов ва инъикоси он дар асарҳои таърихии Садриддин Айнӣ // Сборник аспирантских работ кафедры истории СССР ТГУ им. В.И.Ленина – Душанбе, 1972, с.96-123; Ҳотамов Н.Б.Инъикоси Револютсияи Халқии Советии Бухоро дар асарҳои С.Айнӣ. – Душанбе: Дониш,1980.- 200 с.; Ҳотамов Н.Б. “Материалҳо доир ба таърихи инқилоби Бухоро”-и С.Айнӣ.// Энсиклопедияи Советии тоҷик (ЭСТ), ҷ.4-Душанбе,1983,-саҳ. 266-267; Ҳотамов Н.Б. Вараҷе аз хазина (китоб ва хонанда) (Дар бораи ба забони тоҷикӣ нашр гардидани асари С.Айнӣ “Таърихи инқилоби Бухоро” – Душанбе, Адиб, 1987.240 саҳ. Муттарҷим Раҳим Ҳошим). // Рӯзномаи “Тоҷикистони Советӣ”, 1988, 18 март – саҳ.4; Ҳотамов Н.Б.Ташвиқгари сарнагун намудани сохти амирӣ дар Бухор. (Бахшида ба 33-юмини маҷлиси илмии солонаи Айнӣ)//Рӯзномаи “Омӯзгор”. 1990. 28август-саҳ.8-9; Ҳотамов Н.Б.Ислоҳи ҷомеа аз маърифат аст.(Устод Айнӣ ва масъалаи мактаби усусли нав). //Рузномаи “Садои мардум”, 1994. 7 май

12 Алексеев А.К. «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» как источник по суннито-шиитским отношениям в Бухарском эмирате // http:www.kunstkamera.ru

13 Имомов М.С. Ҷаҳонбинӣ ва тафаккури Садриддин Айнӣ.-Душанбе: Адиб, 2000.

таҳқиқоти худ дохил намудем.[1] Ҳамзамон, ба гурӯҳи мазкур таҳқиқоти олимон олимон ва пажӯҳишгарони замони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва муосири Россия, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, ба монанди З.Раҷабов[2], Б. Искандаров[3], Р.М.Масов[4], Ҳ.Пирумшоев[5], Д.Х.Тухтаметов[6], М. Бобохонов[7], К. Ҳакимова[8], Ҳакимова[8], Л. Муҳаммадҷонова[9] ва дигаронро дохил кардан мумкин аст, ки онҳо таърихи Аморати Бухороро дар давраҳои алоҳида дар иртибот бо таҳқиқи мавзӯъҳои мухталиф омӯхтаанд.

Ба **гурӯҳи чорум** бозҷустҳои илмии олимони давраи пас аз пошхӯрии давлати шӯравӣ ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам берун аз он дохил мешаванд, аз ҷумла таҳқиқоти илмии Р.М.Масов[10], М.Шакурӣ[11], Б.Исмоилова[12], Н.Б.Ҳотамов[13], Масрури Абдуллоҳ[14], Н.У Ғаффоров[15], Ҷ. Ҷӯрабоев[16] ва дигарон. Солҳои охир дар Федератсияи Россия низ доир ба таърихи Аморати Бухоро пажӯҳишҳои навин аз ҷониби олимони рус Д.В. Шевченко[17], О.А.

[1] Ба библиографияи рисола нигаред.

[2] Раджабов З. Из истории общественно-политической мысли таджикского народа в второй поливине XIX - начало XX вв. Таджикгосиздат: Сталинабад, 1957.- 457 стр.

[3] Искандаров Б. Восточная Бухара и Памир во второй половине XIX в - Душанбе: Андалеб, 2015. — 664 с.

[4]Масов Р.М. Таърихи тоҷикон бо мӯҳри "комилан сиррӣ". -Душанбе, 1996.

[5] Пирумшоев Ҳ. Таърихи халқи тоҷик дар тарозуи таърихнигорӣ. - Хуҷанд-Д.: 2014. – 370 с.

[6] Тухтаметов Т.Г. Россия и Бухарский эмират в начале XX века.- Д.: Ирфон, 1977- 207 с.

[7] Бобохонов М. Бедории сиёсии омма дар арафаи револютсияи Октябр.- Дущанбе: Ирфон, 1966.- 80 с..; Бобохонов М. Таджикский народ накануне и в период Февральской буржуазно-демократической революции // Таджикская советская социалистическая республика// Гл.редактор М.С. Асимов. Душанбе, 1974- с 99-101.

[8] Ҳакимова К. З. Крестянство Бухарского эмирата в конце XIX начале XX в. – Ташкент: Фан. Фан. 1991.

[9] Муҳаммаджонова Л. XX асрнинг бошларида Бухорода ижтимоий-сиёсий вазият ва демократик ҳаракатлар ривожланиши (1908-1920). Тарих фан. ном.дисс. – Ташкент, 2000.

[10] Масов Р.М Таърихи тоҷикон бо мӯҳри "комилан сиррӣ".-Душанбе, 1996.

[11] Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ. Пантуркизм ва сарнавишти таърихии тоҷикон. Муҳаррири масъул ва муаллифи пешгуфтор Пайванди Гулмурод. — Д.: Адиб, 2010. — 348 с.;

[12] Исмоилова Б. Аморати Бухоро дар давраи вассалӣ (1868-1917). – Хуҷанд: Ношир, 2012.–120 с.

[13] Ҳотамов Н.Б.Таърихи халқи тоҷик (аз солҳои 60-уми асри XIX то соли 1924).- Д, 2007.- 395 с.; Ҳотамов Н. ва диг. Таърихи халқи тоҷик. Қ. 1-2/ Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. – Д.: ЭР-граф, 2011. – 644 с.; Н.Б.Хотамов. Свержение эмирского режима в Бухаре.- Душанбе, 1997; Н.Б. Хотамов. Бухарские джадиды и оснавные этапы их деятельности. - Душанбе, 2000; Н.Б.Хотамов. Свержение эмирского режима в Бухаре / Второе издание, с дополнением.- Душанбе, 2018.

[14] Абдуллоҳ М. Рочеъ ба масъалахои худшиносии миллй дар адабиёти чадидия // Овози точик.- 1996.- 27 январ; Аз они ӯ: Адабиёти чадидия ва худшиносии миллй // Гули мурод.- 1997, №1-3.

[15] Ғафоров Н.У. История культурно- просветительной деятельности джадидов в Бухарском эмирате (начало XX века) - Худжанд, 2000; Ғафоров Н.У. Роль и место джадидизма в развитии прсвещения и духовной культуры народов Средной Азии (конец XIX- начало XXвв.) – Душанбе: Ирфон, 2013;

[16] Джурабаев Д.Х. Бухарский эмират во второй половины XVIII – первой половины XIX ВВ. В письменных источниках. Дисс. докт.ист. наук. – Худжанд, 2013. – 424 с.

[17] Шевченко Д.В. Басмаческое движение. Политические процессы и вооруженная борьба в Средней Азии: 1917-1931 гг. Дисс. канд.ист.наук. – Иркутстк, 2006. – 180 с.

Егоренко[1], С.С.Бороздин[2] ба анҷом расидаанд, ки ба ҳайси адабиёти боэътимоди илмӣ метавонанд хизмат намоянд.

**Гурӯҳи панҷум** аз рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ иборат аст. Дар ин рисолаҳо аслан таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Аморати Бухоро инъикос шуда, ҷанбаҳои алоҳидаи он таҳқиқ гардиданд. Таърихнигори тоҷик Н.У.Ғаффорӣ дар таҳқиқоти худ дар бораи таърихи фаъолияти фарҳангӣ ва маорифпарварии ҷадидони Аморати Бухоро, мақом ва ҷойгоҳи ҷадидон дар рушди маориф ва маданияти халқҳои Осиёи Миёна дар охири асри XIX ва аввали асри XX маълумот додааст. Дар таҳқиқоти таърихнигори муосири рус А.К. Алексеев фоҷиаи шиаву суннӣ дар Аморати Бухоро дар асоси асари Садриддин Айнӣ «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» таҳқиқ карда шудааст.[3]

Ба **гурӯҳи шашум** матбуоти даврӣ, рӯзномаву маҷаллаҳои марказӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ дохил мешаванд. Дар ин самт олимон, муҳаққиқон ва рӯзноманигорон таҳқиқоти зиёдеро дар шакли мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ ба чоп расонидаанд. Таҳқиқоти муфассал дар бораи осори Садриддин Айнӣ дар нашрияҳои ҳам даврони шӯравӣ ва ҳам замони муосир ба назар мерасанд. Қобили зикр аст, ки дар нашрияҳои мазкур самти асосии зиндагӣ ва фаъолияти Садриддин Айнӣ ба табъ расидаанд. Бо мақсади омӯзиши осори Айнӣ ҳамчунин аз сомонаҳои интернетӣ ба таври васеъ истифода бурда шуд.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Маводҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар татбиқи нақшаи дурнамои кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон таҳти унвони «Таърихи халқи тоҷик, қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои хоси раванди таърихӣ *(давраи муосир)»* барои солҳои 2021-2025 истифода кардан мумкин аст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян намудани дараҷаи инъикоси омилҳои зуҳури инқилоби фикрӣ дар Бухоро аз рӯйи асари «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и устод Садриддин Айнӣ маҳсуб меёбад. Маҷмӯи хулосаҳо ва фарзияҳои ҳосилшуда дар ин самт имконият медиҳанд, ки инъикоси ҷиҳатҳои инқилоби фикрӣ дар асар дарк карда шаванд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ин ҳадаф иҷрои вазифаҳои зерин зарурият дошт:

- аз ҷиҳати назариявӣ ошкор намудани аҳамияти мавзӯи таҳқиқот;

[1] Егоренко О.А. Бухарский эмират в период протектората России (1868-1920гг.). Историография проблемы. Дисс. канд.ист.наук. – Москва, 2008. 192 с.

[2] Бороздин С.С. Политика российских властей в отношении мусульманского населения Туркестана и Бухары. Дисс. канд.ист.наук. – Екатеринбург, 2012. 178 с.

[3] Алексеев А.К. «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» как источник по суннито – шиитским шиитским отношениям в Бухарском эмирате». http:www.kunstkamera.ru

-таҳлил ва баррасии вазъи ҳаёти сиёсӣ ва афкори иҷтимоию фарҳангии халқи тоҷик дар охири асри XIX ва аввали асри XX дар заминаи осори С.Айнӣ;

- таҳлили асари «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и С.Айнӣ оид ба аҳамияти ба вуҷуд омадани ҷараёни пешқадами ҳаракати ҷадидия ва ҳадафи маорифпарваронаи он дар Аморати Бухоро;

- ошкор намудани омилҳои иҷтимоиву сиёсии зуҳур ва тақвият ёфтани инқилоби фикрӣ дар асари «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и Садриддин Айнӣ;

- инъикос намудани фаъолияти ҳукуматдорони аморати Бухоро ва тараққипарварон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсӣ аз рӯи асари "Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро"-и Садриддин Айнӣ.

**Объекти таҳқиқоти дисертатсионӣ** асари Садриддин Айнӣ «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» - ҳамчун сарчашмаи таърихӣ ба ҳисоб меравад. Дар рафти таҳқиқот таърихи таълифи асари устод Садриддин Айнӣ - «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» мавриди баррасӣ қарор дода шуда, инъикоси вазъи сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии Аморати Бухоро дар охири асри XIX ва аввали асри XX, таҷассуми ташаккул ёфтани ҳаракати ҷадидии Бухоро, бунёди мактабҳои усули нав, таъсиси ҷамъияти «Тарбияи атфол», нашри рӯзномаи «Бухорои шариф», таъсири сарнагуншавии ҳукумати подшоҳии Россия ба Аморати Бухоро, омода ва эълони лоиҳаи ислоҳот аз тарафи амир, намоиши ҷавонбухороиён ва пароканда намудани он, воқеаи Колесов, омадагиҳо барои сарнагун намудани тартиботи амирӣ ва натиҷаҳои он аз рӯйи асари мавриди пажӯҳиш объекти асосии таҳқиқоти диссертатсияи мазкур ба шумор меравад**.**

**Мавзӯи (предмет) таҳқиқот** муайян намудани дараҷаи таҳқиқи таърихи омӯзиши ба вуҷуд омадани инқилоби фикрӣ дар Бухоро аз рӯйи асари Садриддин Айнӣ «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ба ҳисоб меравад.

**Ҳудуди замонии таҳқиқот** охири асри XIX ва аввали асри XX –ро фаро мегирад.

**Ҳудуди ҷуғрофии таҳқиқот** Аморати Бухоро дар давраи тобеъияти Россияи подшоҳӣ мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот). Доираи хронологии** таҳқиқот аз охири асри XIX то соли 1920-ро фаро мегирад. Сарҳади поёнӣ соли 1917 асри XX оғоз гардида, дар рафти таҳқиқот муҳимтарин мавзӯъҳое, ки аз нуктаи назари Айнӣ барои ба вуҷуд омадани инқилоби фикрӣ алоқамандии бевосита доранд, аз ҷумла кушодани мактабҳои усули нав бо забони тоҷикӣ, нашри китобҳои дарсӣ ва рӯзномаҳои илмию оммавӣ, ки барои танвири афкори халқи тоҷик шароит фароҳам овардаанд ва ғайраро дар бар мегирад. Таҳқиқоти мазкур бо нишон додани ҳодисаҳои таърихии ибтидои асри XX аз рӯйи асари мавриди пажӯҳиш ба анҷом мерасад, зеро Садриддин Айнӣ

андешаҳояшро зимни баёни воқеаҳои таърихӣ, рушди ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангию адабӣ воқеъбинона иброз доштааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар диссертатсия мо усулҳои илмии омӯзиширо доир ба таҷассуми таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро (охири асри XIX ва аввали асри XX) аз рӯйи асари «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» - и Садриддин Айнӣ ба роҳ монда, бахусус, ба истифодаи усули объективияти илмӣ - ҳамчун яке аз дастурҳои асосии илми муосири таърих ва таърихнигорӣ диққати ҷиддӣ додем.

Инчунин, дар раванди таҳқиқи рисолаи мазкур мо пеш аз ҳама ба ҳамаи ҷанбаҳои таҳқиқотӣ диққати махсус дода, дар рафти таҳқиқот риояи истифодаи усули диалектикии илмӣ - таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро роҳандозӣ намуда, тамоми ҷузъиёт ва робитаю алоқаҳои сабабиву натиҷавии афкори сиёсию фарҳангии халқи тоҷикро дар охири асри XIX ва аввали асри XX, ки дар асари мазкур воқеъбинона инъикоси худро ёфтаанд, мавриди таҳқиқ қарор додем.

Аз ин лиҳоз, чунин усулҳои илмии таҳқиқотӣ, ба мисли шарҳу тавсифи адабиёти илмӣ, усулҳои илмии ба арзишҳои умумиинсонӣ ва миллӣ асосёфта, усулҳои хронологӣ - сулолавӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, статистикӣ, генеалогӣ, усули умумии универсалӣ, баён, детерминизм, таҳлил ва усулҳои таҳқиқотие, ки олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар асарҳои худ корбаст кардаанд, истифода бурдем.

Дар усули муқоисавӣ-таърихӣ пайдоиши инқилоби фикрии халқи тоҷик ҳамчун омили пешрафти ҷомеа дар дигар асарҳои таърихӣ қиёсгузорӣ шудааст. Тавассути усули масъалагузорӣ–солномавӣ ҳудудҳои таҳқиқи масъалаи мазкур муайян шудаанд ва равандҳои солномавии ба марҳилаҳои аз паси ҳам оянда, ки инқилоби фикриро инъикос кардаанд, ҷой дода шудаанд.

**Пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқот**. Сарчашмаи маълумот пеш аз ҳама китоби С.Айнӣ «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро», асарҳои дигари ӯ, ки доир ба таърих таълиф гаштаанд, ба монанди «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», «Таърихи инқилоби Бухоро», «Куллиёт», асарҳои таълимии ӯ «Таҳзиб – ус - сибён», асарҳои бадеии ӯ аз қабили, «Ғуломон», «Ёддоштҳо» ва ғайра мебошанд. Ба ғайр аз ин, маводи бойгонӣ, бахусус асноди Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, асноди Бойгонии таърихии давлатии Россия (РГИА) ва асноди Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (БМДРӮз) ба сифати сарчашма истифода шудаанд.

Ҳамчунин, ба ҳайси сарчашма осори як қатор тазкираҳои ибтидои асри XX, ки муаллифонаш номи Садриддин Айниро дар радифи бузургони дигар қарор додаанд ва осорашро таҳлил намуда, ба эҷодиёти ӯ баҳои баланд додаанд, истифода шуданд. Чунончи, «Афзал-ут-тазкор фи зикри-ш-шуаро ва-л-ашъор - и Афзал Махдуми Пирмастии Бухороӣ (вафот 1915); «Тазкират-уш-шуаро» - и Мир Муҳаммад Сиддиқ Ҳашмати Бухороӣ; «Тазкирот-уш-шуарои мутааххирини Бухоро» - и Абдуллохоҷа

Абдӣ; «Тазкор-ул-ашёр» - и Садри Зиё; «Тазкираи Салимӣ» - и Салимбек ва ғайра.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки:

- бори аввал мавзӯи диссертатсияи мазкур аз рӯйи китоби Садриддин Айнӣ «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ба таври ҳаматарафа баррасӣ ва таҳқиқ мешавад;

- доир ба таърихи таълифи асари «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ҳангоми таҳқиқу таҳлил маълумоти нав муайян карда шуд, ки сарҳади поёнии инъикоси воқеаҳои таърихӣ соли 1917-ро дар бар мегирад. Лекин, баъд аз Инқилоби Октябр бо хоҳиши Вазорати маорифи халқи Бухоро дар шахсияти Қори Йӯлдош Пӯлод, аз моҳи ноябри соли 1920 то моҳи маи соли 1921 аз ҷониби Садриддин Айнӣ асар аз тоҷикӣ ба ӯзбекӣ бо номи «Бухоро инқилобининг таърихи» тарҷума ва охираш такмил ёфта, воқеаҳои соли 1920 ва ғалабаи Инқилоби Октябр ба он ворид мегардад. Воқеаи Колесов, ки боби чоруми диссертатсия ба он бахшида шудааст, дар асари «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» таҷассум нагардида бошад ҳам, дар варианти ӯзбекии он инъикос гардидааст;

- дар рафти таҳқиқ муайян карда шуд, ки асари «Таърихи Инқилоби Бухоро» тарҷумаи Раҳим Ҳошим аз рӯи дастхати «Бухоро Инқилобининг таърихи”-и Садриддин Айнӣ таълиф гардида, дар арафаи ҷашнгирии 100-солагии Садриддин Айнӣ «Бо савобдид ва тавсияи Президенти Академияи фанҳои Тоҷикистон мӯҳтарам М.С.Осимӣ ба тарҷума ва нашри ин асар иқдом шуд»[1]) аз чоп баромадааст (1987);

- Сababи дар «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» инъикос нагардидани «Воқеаи Колесов» муайян карда шуд. Мо ба чунин хулоса омадем, ки асари мавриди пажӯҳиш моҳи феврали соли 1918 ба анҷом расонида шудааст. «Воқеаи Колесов» бошад, ки моҳи марти соли 1918 ба вуқӯъ омадааст, минбаъд, аз ҷониби Садриддин Айнӣ ба асари «Бухоро Инқилобининг таърихи» дохил гардидааст. Лекин, он ҳам, ба монанди дастхати «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» чоп намешавад ва танҳо, соли 1926 дар Москва аз тарафи нашриёти марказии халқҳои ИҶШС (СССР), бо муқаддимаи Назир Тӯрақулов ва унвони «Бухоро инқилоби таърихи учун материаллар» нашр мешавад, ки Садриддин Айнӣ аз сабаби бархе ихтисорот ва баъзе тасҳеҳи нобаҷо аз ин нашр розӣ набуд;

- дар асоси манбаъҳои сершумор оид ба ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии Аморати Бухоро дар илми таърихи ватанӣ таҳлили маҷмӯии таҳқиқоти мазкур амалӣ гардид. Дар иртибот бо омӯзиши он дар бораи инъикоси инқилоби фикрӣ, иҷтимоӣ ва сиёсие, ки маҳз, дар асари мазкур инъикоси воқеӣ ва амиқи худро пайдо кардааст, ҳодисаҳои таърихӣ ба таври дуруст баҳо дода шуда, хулосаҳои илмӣ изҳор гардиданд;

- дар адабиёти илмӣ, ки вазъи сиёсию фарҳангии аввали асри XX, махсусан таърихи пайдоиши ҳаракати ҷадидон ба таври гуногун инъикос

---

[1] Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро / Баргардонанда аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ ва мураттиб Р.Ҳошим.- Душанбе: Адабиѐти бачагона, 2017.– С..239

ёфтаанд, ин масъала дар рисолаи илмӣ аз нигоҳи Садриддин Айнӣ аз рӯи асари «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» мавриди таҳлил қарор гирифта, таҳлили илмӣ бо истифода аз усули қиёс баргузор шуд.

Лозим ба таъкид аст, ки ҳангоми омӯзишу таҳлили асари мазкур маълум гардид, ки таърихи зуҳури инқилоби фикрии халқи тоҷик ба давраи забти Осиёи Миёна аз ҷониби Россияи подшоҳӣ рост меояд. Масъалаи таърихи инқилоби фикрӣ, масъалаи мактаби усули савтия, таъсиси мактаби усули нави тоҷикӣ, зуҳур ва барҳамшавии мактаби усули ҷадид, масъалаи дар ҷадидия ба вуҷуд омадани равияи буржуазӣ - миллатгароӣ, масъалаи аз доираи мактабу маориф дур шудан ва моҳияти сиёсиро касб кардани ҷадидҳо, масъалаи авҷ гирифтани ғояҳои пантуркистӣ ва дар ин замина ба вуҷуд омадани мухолифати суннию шиа дар Бухоро аз рӯи асари «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» омӯзиши мукаммалро талаб мекунад. Доир ба муаммои мазкур низ таҳқиқоти илмӣ амалӣ шуданд ва ба ҳалли бархе масъалаҳои баррасишаванда таваҷҷӯҳи алоҳида зоҳир карда шуд, зеро мавзӯи мазкур аз ҷумлаи мавзӯъҳое мебошад, ки аз ҷониби муаллифони ватанӣ, олимони рус ва хориҷ ба таври бояд омӯхта нашудааст;

- дар асоси асари С.Айнӣ вазъи иқтисодӣ, сиёсию иҷтимоӣ ва ҳаёти фарҳангии Аморати Бухоро таҳлил шуда, дар рисола заминаи зуҳури инқилоби фикрӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт;

- хусусияти хоси фаъолияти Садриддин Айнӣ дар ҳаракати ҷадидон аз нуқтаи назари илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифт;

- дар натиҷаи омӯхтани ҳамаҷонибаи таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро аз рӯи асари мазкур роҳҳои минбаъдаи рушди он дар оянда муайян гардидаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя муқаррароти зерин пешниҳод мегарданд:

- таҳлили адабиёти илмӣ оид ба мавзӯи мазкур ба хулосае меорад, ки доир ба таърихи Аморати Бухоро дар охири асри XIX ва аввали асри XX шумораи зиёди таҳқиқоти муаррихон, муҳаққиқон ва сиёсатшиносон бахшида шудааст. Онҳо ба манбаъҳои бойгонӣ ва маъхазҳои дигари дасти аввал такя намудаанд;

- таҳқиқоти мазкур аз рӯи асари мавриди пажӯҳиш тасдиқ менамояд, ки саҳми Садриддин Айнӣ ва тараққипарварон дар инқилоби фикрӣ ва иҷтимоии Аморати Бухоро беандоза бузург буда, минбаъд дар давраи шӯравӣ мафкураи мазкур (инқилоби фикрӣ) ҳамаҷониба ташаккул ёфта, боиси соҳиби давлат ва рушди маорифу фарҳанг гардидани халқҳои Аморати Бухоро, аз он ҷумла халқи тоҷик мешавад;

- дар рафти таҳқиқот аз рӯи хулосаҳои Садриддин Айнӣ муайян карда шуд, ки бе танвири афкор ё худ инқилоби фикрӣ рушди ҷомеа имконнопазир аст. Маҳз, инқилоби фикрӣ боиси инкишофу пешрафти халқу миллат ва давлат мегардад, ки дар замони муосир ин муаммо дар ҷомеа ба назар мерасад;

- дар шароити муосир истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки дубора ба он осору он ғояҳои Садриддин Айнӣ, ки аз назар дур монда буданд, чун сарчашмаи таърихӣ назар андохта шавад.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Диссертатсия дорои аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқон кӯмаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳои диссертатсияро зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ роҷеъ ба таърихи халқи тоҷик аз охири асри XIX то соли 1920 ҳангоми хондани курсҳои лексионӣ ва махсус аз фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Сарчашмашиносӣ», «Фарҳангшиносӣ», «Диншиносӣ» ва дигар илмҳои гуманитарӣ метавон истифода намуд.

Маводи дар диссертатсия овардашуда барои воқеан равшанӣ андохтан ба масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсию фарҳангӣ, махсусан ташаккули илму маорифи мамлакат имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли масъалаҳои маориф ва илми Тоҷикистони муосир низ басо муфид аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо (интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия).** Ғояҳо, муқаррарот, натиҷаҳои назариявии асосӣ, пешниҳодот ва тавсияҳои амалӣ доир ба рисолаи илмӣ, хулосаю навгониҳои илмӣ, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳои ҷанбаи амалидошта бевосита аз ҷониби муаллиф таҳия, баррасӣ ва собит карда шудаанд. Муқаррароти асосии диссертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз ҷумла 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақолаи илмии дар нашрияҳҳои дигар чопшуда таҷассум ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ (бо шарҳ ва санаи таҳқиқот).** Диссертатсияи Ҳамидова М.М. дар мавзӯи ««Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и Садриддин Айнӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ҳамчун кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта ба талаботи муқарраргардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад. Мавзӯи диссертатсия бо суратҷаласаи № 5 ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон таҳти унвони ««Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и Садриддин Айнӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» аз 31.12.2018 тасдиқ гардидааст. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърих ва диншиносии факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, протоколи №8 аз 15.03.2022 ва дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, суратҷаласаи №8 аз 29.04.2022 муҳокима гардида, ҳамчун кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта маҳсуб шудааст ва ба талаботи муқарраргардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он ифода меёбад, ки:

- муаллиф маводи зиёди таҳқиқотиро оид ба асари Садриддин Айнӣ «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» таҳлилу баррасӣ намуда, дар баробари он асари мавриди пажӯҳишро дар омӯзиши таърихи Аморати Бухоро дар охири асри XIX ва аввали асри XX ҳамчун сарчашма ва маводи илмӣ муаррифӣ кардааст;
- иштироки шахсии муаллиф дар озмоиши натиҷаҳои таҳқиқот дар конфренсияҳои гуногун;
- натиҷаҳои илмии таҳқиқоти мазкур, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, инчунин тавсияҳои хусусияти амалидошта бевосита аз ҷониби худи муаллифи диссертатсия мустақилона таҳия, баррасӣ ва исбот шудаанд;
- саҳми бевоситаи муаллифи рисолаи илмӣ дар навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҳалли масъалаҳои мубрам ва баррасии комили ҷанбаҳои инқилоби фикрӣ дар асари мавриди пажӯҳиш возеҳан мушоҳида мешавад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Доир ба мавзӯи диссертатсия то имрӯз 8 мақола, аз ҷумла 3 мақолаи дар маҷаллаҳои дар феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном гардида чоп шудаанд. Ҳамчунин, диссертант дар конфренсияҳои илмии вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ (солҳои 2019-2022) маърӯзаҳои илмӣ намудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз сарсухан, чор боб, даҳ зербоб, хулоса иборат буда, руйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда (132 номгӯй) ба кор хусни хотима мебахшад. Диссертатсия дар ҳаҷми 177 саҳифаи матни компютерӣ таълиф шуда, сохтори он ба мақсад ва вазифаҳои муайяншуда мувофиқ аст.

## МУНДАРИҶАИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия асоснок карда шуда, сатҳи таҳқиқи он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект, мавзӯъ, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, инчунин тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муайян гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия «**Заминаҳои таълифи асари «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» - и С.Айнӣ** ном дошта фарогири ду фасл мебошад. Дар он таърихи таҳия ва чопи асар дар замони муосир таҳлил карда шуда, вазъи сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии Аморати Бухоро дар охири асри XIX ва аввали асри XX дар асоси осори С.Айнӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар зербоби якуми боби мазкур «**Манбаъҳои ғоявии таълифи асар ва сарнавишти нашри он**» муаллиф қайд менамояд, ки ба шарофати замони

соҳибистиқлолии кишвар нашр ёфтани китоби Садриддин Айнӣ «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро», ки ҳанӯз соли 1918 таҳияву тадвин шуда, нусхаи ягонаи он ба таври муаммо тӯли беш аз ҳафтод сол гум шуда буд, воқеаи муассири фарҳангию адабӣ маҳсуб меёбад. Ин китоби зиндонӣ, ки манбаи нодир ва муътамади таърихи афкори инқилобии мардум дар Аморати Бухоро мебошад, соли 2002 дар Теҳрон ва соли 2005 дар Душанбе дар ҷилди 14-уми Куллиёт аз тарафи Бунёди адабии Айнӣ ба табъ расид. Дар муқаддимаи нашри мазкур Камолиддин Айнӣ сарнавишти мубҳами «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро», гум шудани ин асари устод Айнӣ ва амали ношоистаи роҳбарони Ҷумҳурии Бухороро нисбати дастнависи муаллиф ба тафсил баён намуда, аз ҷумла қайд намудааст: «Устод Айнӣ аз соли 1920 (бунёди Ҷумҳурии Бухоро) то поёни умр (соли 1954) дар орзуи пайдо кардани ин нусхаи мунҳасир буд ё мехост агар имконе пайдо шавад, лоақал онро аз рӯи мусаввадаҳои худ дубора таҳрир кунад. Ин барои муаллиф ягона роҳи наҷоти асари гумшудаи худ буд. Вале комилан равшан аст, ки нусхаи мунҳасири аслӣ бо зикри асомии шахсиятҳои воло, ки ҳамагӣ бо сифоти мусбат ва манфии худ фаъолият мекарданд, дар он замони муборизоти фикрӣ ва таҳаввулоти ҳаррӯза дар умури маориф ва тарбият ва ахлоқи ҷомеа аҳамияти фавқулодаи илмӣ, фарҳангӣ, сиёсии муҳимме дошт ва имкон надошт, ки аз байн рафта бошад. Ҳарчанд устод Айнӣ ба ҷиҳати ҳал нашудани ин муаммо (гум шудани нусхаи аслии асари худ) нороҳатии зиёде дошт ва онро яке дигар аз ҳуққабозиҳои мункирон медонист ва ба онҳо лаънат мегуфт, боз ҳам умед дошт, ки он нусхаи аслии асараш ба далел мӯҳтавои илмии он гум нашуда бошад ва анҷоми ин корро ба писараш Камол Айнӣ ҳавола менамояд ва ба ӯ мегӯяд: «...дар ёд дошта бош, ки замони муносиб, ки фаро расид, аз тариқи инҳо[1] метавонӣ нусхаи нодири маро пайгирӣ кунӣ. Агар то ба ҳол ин нусха пайдо мешуд, онро ба унвони китоби панҷуми «Ёддоштҳо»- ям, ки дар чаҳор ҷилд борҳо чоп шудааст, эълон мекардам ва, агар ту онро ба даст овардӣ, ин васияти маро дар ёд дошта бош: «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» китоби панҷуми «Ёддоштҳо» хоҳад шуд; гумон дорам, ки дар яке аз бойгониҳои давлатӣ ё шахсӣ он нусхаи нодир пайдо хоҳад шуд, зеро дар он сарнавишти Бухорои Шарифи чандин ҳазорсола ва мардуми бофарҳангу забони давлатии форсӣ-тоҷикӣ, бо умри беш аз ҳазорсолааш баён шудааст... Саранҷом бо инояти Худованд орзуи сиюпанҷсолаи устод Айнӣ пас аз ҳафтод сол зиндонӣ шудан нусхаи аслии форсии «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ба хатти муаллиф, ба шарофати замони озодӣ ва раҳоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз банд раҳоӣ ёфта, ҷомаи озодӣ пӯшид».[2]

---

[1] Дар Бухоро ду хонавода буданд: а/аз пайравони барномаи ҷадид; б/ аз таҷҷадудхоҳони давлатӣ дар Бухоро, ки аз тарафи мутаассибон ба қатл расидаанд. Онҳо дӯстони Садриддин Айнӣ буданд ва фарзандони навҷавони онҳо бо кушиши ӯ дар ҳайати муҳассилони бухороӣ ба Олмон рафта, пас аз таҳсил ба Бухоро баргашт, бо давлат ҳамкорӣ доштанд. Бо сабаби донистани забони модарӣ (форсӣ -тоҷикӣ), туркӣ, русӣ ва олмонӣ дар бойгониҳои вижаи Бухоро, Тошканд ва Москва адои вазифа мекарданд.

[2] Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро, 1918 / Таҳияи К.С. Айнӣ // Куллиёт. Ҷилди 14.- Душанбе: Матбуот, 2005.- С. 25-27.

Ҳангоми таҳлили асари “Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро” маълум гардид, ки дастхати он бо сабаби мавҷуд будани ғояҳои пешқадамона ва хусусияти тараққипарваронаю ислоҳотхоҳона доштанаш барои ба табъ расидан ба монеаҳо дучор шуда, дар натиҷа дастхати он гум мешавад. Яке аз дӯстони бовафои устод Айнӣ - Қорӣ Йулдош Пӯлод бо мақсади ёфтани роҳи чопи китоб асари мазкурро барои тақриз ба шарқшиноси маъруф Александр Самойлович дод, зеро ки эшон дар илми туркшиносии ҷаҳон яке аз шахсиятҳои барҷаста ба ҳисоб мерафт.

Ҳамин тавр, танҳо пас аз барҳам хӯдани Иттиҳоди Шӯравӣ Камол Айнӣ бо мақсади иҷрои васияти падар ба ҷустуҷӯи нусхаи аслии «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» шурӯъ намуда, оқибат онро дарёфт ва дар давраи истиқлолият асари мазкур дар ҷилди 14 «Куллиёт»-и Садриддин Айнӣ ба табъ расид.

Дар зербоби дуюми боби аввал «**Вазъи сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии Аморати Бухоро дар охири асри XIX ва аввали асри XX (дар асоси осори С.Айнӣ)**» таъкид мешавад, ки дар ин давра Аморати Бухоро ҳамчун кишвари аз нигоҳи фарҳангӣ қафомондаи асримиёнагӣ ва феодалӣ шинохта мешуд. Дар замони мустамликадорӣ якчанд тағйиротҳои амиқ ба амал омада бошанд ҳам, мустамликадорон ҷонибдори инкишофи маданияти мардумони бумӣ набуда, мардуми таҳҷоиро дар асорати торикии асримиёнагӣ нигоҳ медоштанд. Лекин новобаста аз мақсаду мароми мустамликадорон, бо душвории зиёд бошад ҳам, дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти мардуми аморат, тавассути инқилоби фикрӣ пешравиҳо ба мушоҳида мерасиданд.

Дар диссертатсия зикр шудааст, ки Садриддин Айнӣ қариб чиҳилу ду соли ҳаёти худро дар Бухоро гузаронидааст ва вазъи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии амoратро дар осораш, аз он ҷумла дар «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ба таври воқеӣ таҷассум намудааст. Ҳаёт ва фаъолияти Садриддин Айнӣ (он чиро, ки ӯ дидааст ва шоҳид гардидаст) дар замони ҳукмронии ду амирони охирини манғит - амир Абдулаҳад ва амир Олимхон рост меояд. Ба ин маъно ӯ тамоми луғзу ғавомизи дарбори онҳоро бо чашми худ дидааст ё аз ашхоси муътамади ҳамон давра шунидааст ва китобат кардааст.

Муҳаққиқ қайд мекунад, ки дар «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» - и Садриддин Айнӣ дар бораи инъикоси ихтилофи шиаву суннӣ ва оқибатҳои он ҳамчун падидаи сиёсию иҷтимоӣ маълумоти муфассал дода шудааст. Ин ҳолат дар манбаъҳои хаттии таърихии Аморати Бухоро низ мушоҳида карда мешавад, Чунончӣ, ҳангоми таҳлили асари мазкур аён гардид, ки ихтилофи равияҳои шиа ва суннӣ дар Аморати Бухоро ихтилофи мазҳабӣ набуда, балки табиати рақобати сиёсӣ ва ҷоҳталошӣ доштааст. Дар асари мазкур ихтилофи шиа ва суннӣ дар бобҳои «Фитнаи шиаву суннӣ» ва «Асари мунозиаи мактаб ва муҷодилаи шииву суннӣ» батафсил шарҳ дода шудааст.

**Боби дуюми диссертатсия «Инъикоси ташаккули ҳаракати ҷадидӣ дар «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро»- и С.Айнӣ»** ном дошта, дар зербобҳои он заминаҳои зуҳури ҳаракати ҷадидия ва ҳадафи он дар шароити

Аморати Бухоро, мактабҳои усули нав ва ҷамъияти «Тарбияи атфол» ва рӯзномаи «Бухорои шариф» мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Дар зербоби якуми боби дуюми диссертатсия «**Заминаҳои пайдоиши ҳаракати ҷадидия ва ҳадафи он дар шароити аморати Бухоро**» диссертант қайд менамояд, ки дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ҳаракатҳои маорифпарварӣ ва ҷадидия ҳамчун равияи пешқадами иҷтимоию сиёсӣ-фарҳангӣ арзи ҳастӣ намуда, дар рушди худшиносии миллии халқи тоҷик, инкишофи ҳисси ватандӯстӣ ва талқини ғояҳои демократӣ саҳми босазо гузоштанд.

Диссертант зикр менамояд, ки ҳаракати ҷадидия ҳамчун ҷараёни пешқадам дар осори Садриддин Айнӣ, аз он ҷумла дар асари «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» бо диди нав инъикоси худро ёфтааст. Аз нигоҳи Садриддин Айнӣ ҷадидия ҳамчун раванди пешқадам дар аввал ба ҳайси ҷараёни фарҳангию маорифпарварӣ, сипас ҳамчун ҷараёни иҷтимоии сиёсии ислоҳотхоҳона дар охирҳои асри XIX ва аввали асри XX дар байни зиёиёни пешқадами Осиёи Миёна зуҳур карда, манбаҳои асосии он чунинанд: манбаи аввал - ақидаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш ва ҳаммаслаконаш - Зокирҷони Фурқат, Муҳаммад Аминхоҷа Муқимӣ, Завқӣ ва дигарон (охири асри XIX); манбаи дуюм - таҳти таъсири инқилоби бужуазию демократии солҳои 1905 – 1907 Россияи подшоҳӣ дар Аморати Бухоро инқилоби фикрӣ дар байни тараққипарварону равшанфикрон ба вуҷуд омада, боиси зуҳури ҳаракати ҷадидон гашт; манбаи сеюм - ҷаридаҳои (рӯзномаҳои) Истанбул, Миср ва Ҳиндустон, масалан, «Ҳабл-ул-матин»-и Ҳиндустон ва «Парвариш»-и Миср; манбаи чорум – кӯшишу саҳми равшанфикрону тараққипарварон дар рушди ҷомеаи Аморати Бухоро.

Муаллиф зикр менамояд, ки дар «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и Садриддин Айнӣ дар бораи ҳаракати ҷадидия дар шароити Аморати Бухоро дар бобҳои «Масъалаи ислоҳоти Бухоро», «Вақоеи Инқилоби Русия ва фоҷиаи Бухоро», «Як назар ба давоири ҳукумат ва элчихона», «Як назар ба аҳволи тараққипарварони Бухоро», «Воқеоти рӯзи якшанбе ва ҳоли фоҷеонаи худам», «Обхона», «Фирориён дар Когон», «Иҷмоли аҳволи тараққипараварон баъд аз инқилоб» ба ҳайси иштирокдори фаъоли ҳодисаҳои таърихӣ ба таври дақиқ ва ҳақиқӣ маълумоти муфассал овардааст. Дар ҳақиқат, маълумоти Айнӣ оид ба масъалаи мазкур дар асари мавриди пажӯҳиш таҳлили чуқури илмиро тақозо дорад ва ҳамчун сарчашмаи таърихӣ барои шинохти падидаи пешқадами Аморати Бухоро - ҳаракати ҷадидия дар аввали асри XX, аз он ҷумла таърихи халқи тоҷик хизмат мекунанд. Дар шароити Аморати Бухоро вазъият барои фаъолияти ҷадидон тамоман дигар буд. Зеро, ҳаракати ҷадидия дар оғози пайдоишаш моҳияти маорифпарварона ва фарҳангиро дошт, ки онро ҳангоми баррасии асар мушоҳида кардан мумкин аст.

Диссертант доир ба ҳадафҳои ҳаракати мазкур аз рӯи асари «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» чунин хулосабарорӣ кардааст: 1) Ҳадафи ҷадидон чунин буд, ки бо роҳи паҳн намудани маърифат (дар заминаи ислоҳи усули кӯҳнаи таълим дар мактабу мадрасаҳо, ташкили мактабҳои усули нав,

паҳн намудани адабиёти навину нашри рӯзномаю маҷаллаҳо) аҳволи мардумро бехтар намоянд; 2) нияту мароми онҳо чунин буд, ки ба ислоҳи тарзи идоракунии кишвари худ ноил гарданд ва барои дар қатори халқҳо ва давлатҳои тараққикардаи ҷаҳонӣ инкишоф ёфтани он шароит фароҳам кунанд; 3) ҷадидон зидди разолатҳои давр – бетартибию ғоратгариҳо ҳангоми ситонидани андозҳо, худсарии амалдорон ва ғайра мубориза мебурданд; 4) боз як ҳадафи онҳо - бо роҳи ислоҳот дини исломро ба талаботи замони муосир - инкишофи муносибатҳои молию пулӣ мутобиқ гардонанд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм, ки «**Мактабҳои усули нав ва ҷамъияти «Тарбияи атфол»** ном дорад, муаллиф қайд менамояд, ки «Аввалин мактаби усули савтия барои атфоли Бухоро, ки моҳи октябри соли 1908 аз ҷониби тараққипарварони тоҷик Абдулвоҳиди Мунзим, Садриддин Айнӣ, Аҳмадҷони Ҳамдӣ ва Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ дар манзили Мунзим ташкил шуд, ки дар роҳи инқилоби фикрии аҳли Бухоро пояи устувор гузошт. Ин мактаб, ки дар таърих бо номи «Мактаби Мунзим» маъруф аст, моҳи сентябри соли1909 бо амри ҳукумати амирӣ баста шуд ва чанд вақт ба таври пинҳонӣ амал кард. Дар «Мактаби Мунзим» норасоии китобҳои зарурӣ эҳсос карда мешуд ва бо мақсади бартараф намудани ин ҳолат соли 1909 бо ташаббуси онҳо «Ширкати Бухорои Шариф» таъсис ёфт. Муаллифи диссертатсия дар такя ба осори С.Айнӣ қайд менамояд, ки мубориза шадиди байни тарафдорон ва муқобилони мактаби усули нав ҷадидонро водор намуд, ки дар баробари махфӣ нигоҳ доштани фаъолияти худ беш аз пеш муттаҳид шаванд. Бо ҳамин мақсад онҳо 1-уми декабри соли 1910 ҷамъияти пинҳонии худро бо номи «Тарбияи атфол» бунёд намуданд. Таъсискунандагони ҷамъияти мазкур Мунзим, Садриддин Айнӣ, Ҳамидхоҷаи Меҳрӣ, Аҳмадҷон Махдум Ҳамдӣ (Абдусаидов), мударрис ҳоҷӣ Рофеъ ва Мукамаллиддин Махдуми Бурҳонзода буданд. Умуман, аз 28 нафар аъзои ин ҷамъият 14 нафар мулло ва муллозода, се нафарашон мударрисон буданд.

Ҳамин тариқ, афкори Садриддин Айнӣ оид ба таъсиси мактабҳои усули нав, хосатан аввалин мактаби тоҷикӣ бо усули савтия, ки худи ӯ яке аз ташкилкунандагони он буд, ҳамчунин оид ба фаъолияти ҷамъияти махфии «Тарбияи атфол» дар солҳои 1910-1917 сарчашмаи муътамад маҳсуб меёбанд.

Дар зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия «**Айнӣ ва рӯзномаи «Бухорои шариф»** муҳаққиқ таъкид менамояд, ки пайдоиш ва ташаккули аввалин рӯзномаи тоҷикии Осиёи Марказӣ «Бухорои Шариф» (1912-1913) ва нақшу мақоми он дар таърихи фарҳанги халқи тоҷик дар замони муосир низ таваҷҷӯҳи аҳли илмро ба худ ҷалб мекунад. Садриддин Айнӣ дар асарҳои хеш нақши муассири ҷадидия ва ходимони онро дар таърихи пайдоиши рӯзномаи «Бухорои шариф» ҳамеша таъкид месозад. Чунончӣ, С. Айнӣ дар «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» перомуни таъсиси рӯзномаи «Бухорои шариф» ҳарф зада, аз ҷумла иброз медорад: «Тараққихоҳон ва маорифпарварони Бухоро дер боз орзуи нашри як ҷарида дар Бухоро доштанд, лекин назаран ба аҳволи ҳукумати Бухоро вусул ба ин орзу мутаассир буд… Дар санаи 1330 ҳиҷрӣ (1912 милодӣ –«М») аз ҳамиятмандони Бухоро Мирзо Муҳиддин

Мансурзода ва Мирзо Сироҷи Ҳаким барои ба феъл овардани ин орзу кӯшиши балеғ карданд»[1].

Аз асари мавриди назар маълум мегардад, ки рӯзномаи «Бухорои шариф» атрофи худ нерӯҳои ислоҳталаб ва таҷаддудхоҳи ҳамон давронро ҷамъ намуда буд. С. Айнӣ шахсонеро аз аҳолии Бухоро, ки дар интишори рӯзномаи «Бухорои шариф» аз ҷиҳати маънавию моддӣ саҳмгузорӣ карданд, ба қарори зайл ном мебарад:

1. Мирзо Муҳиддин Мансурзода,
2. Мирзо Сироҷи Ҳаким,
3. Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим,
4. Фазлиддин Махдум ибни Шаҳобиддин,
5. Аминҷон Махдум ибни Қозӣ Зиёуддини Судур,
6. Муҳиддин Махдум ибни Қозӣ Абдулҳаким Махдуми Судур,
7. Абдулҳаким Махдум ибни Мулло Обид,
8. Мирзо Изатуллоҳ ибни Абулҳай,
9. Мирзо Назруллоҳ ибни Абдулғафур,
10. Ҳоҷӣ Абдусаттори Даллол,
11. Мирзо Мустафо ибни Ҳоҷӣ Бӯрибой,
12. Назруллоҳбой ибни Яъқуббой,
13. Порсохоҷа ибни Ҳасанхоҷа,
14. Бақохоҷаи Самарқандӣ. [2]

Аз таҳлили маводи «Бухорои шариф» ва сарчашмаи нахустини таърихи интишори он "Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро"-и С.Айнӣ бармеояд, ки ғояҳои инқилоби фикрӣ дар сафҳаҳои он ҷойгоҳи барҷаста доранд ва тавассути ин рӯзномаи тоҷикӣ ҷадидон ҳамчун паҳнкунандагони ғояҳои асосии фарҳангофаринӣ ва маърифатпарварӣ дар ибтидои асри XX баҳри пешбурди ислоҳоту таҷдиди мактабу маорифи миллӣ бо чандин таклифоту пешниҳодоти муайян баромад намуда, дар ташаккули афкори интиқодӣ ва танвиру таҳрики ҷаҳонбинии мардуми Аморати Бухоро нақши мондагор гузоштанд.

Рӯзномаи «Бухорои шариф», ки ҳамчун паҳнкунандаи ғояҳои ҷадидия камбудию нуқсонҳои ҷомеаро фош мекард, акнун ҳам ба ҳукуматдорони амирӣ ва ҳам ба сафоратхонаи рус хуш намеомад. Аз ин рӯ, рӯзномаи «Бухорои шариф» бо иғвои муқобилони ислоҳот санаи 7 моҳи сафари 1331 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 2 январи соли 1913 милодӣ аз тарафи ҳукумати амир манъ шуда, баста гардид.

Ҳарчанд «Бухорои шариф» чун рӯзнома чандон умри дароз надид, нашрияи мазкур, бешубҳа, барои аз хоби ғафлат бедор намудани мардуми Бухоро нақши муассире гузошт. Садриддин Айнӣ дар димоғи мударрисону толибилмони мактабу мадрасаҳо чӣ гуна илқо ёфтани афкори маорифпарварии

[1] Айнӣ С. Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро, 1918 / Таҳияи К.С. Айнӣ // Куллиёт.-Ҷилди 14.- Душанбе: Матбуот, 2005.- С. 124.

[2] Ниг.: Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро, 1918 / Таҳияи К.С. Айнӣ // Куллиёт.-Ҷилди 14.- Душанбе: Матбуот, 2005.- С. 124.

рӯзномаи «Бухорои шариф» ва замимаи туркии он – «Тӯрон»-ро дар китоби «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» тасвир намуда, навишта буд: «Ҷаридаи «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» дар Бухоро таъсири хуб кард. Филҷумла, инқилоби фикриву илмӣ рӯй дод. Дар мадрасаҳои куҳна дар байни талаба сухан аз ислоҳи макотиб ва мадорис мерафт, ғайринофеъ будани ҷадвали дарсҳои ҳозира музокира меёфт (агар рақамҳои авохири «Бухорои шариф»-ро мутолиа карда шавад, чанд ариза ва талабнома барои ислоҳи мадорис ба имзои мутааддид аз талабагон дида мешавад). Дар ҳар гӯшаи шаҳр, ҳар мусофире, ки ба тартиби нав таълим карданро иддао мекард, фавран панҷ-шаш нафар дар атрофаш ҷамъ шуда, дарс мехонданд. Баъзе мударрисон низ рағбати талабаро дида, бо вуҷуди аҳл нобуданашон дарси тафсиру ҳадис гуфтанӣ мешуданд. Инҳо ҳама аломати хайру асари «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» буд»[1].

Ҳамин тариқ, рӯзномаи «Бухорои шариф», ки ба ибораи устод Садриддин Айнӣ ҳамчун «ниҳоли навбар ва гулбуни навшукуфта бӯстони миллат ва чаманистони маърифатро тароват доданӣ буд»[2], дар амри бедории миллӣ, сиёсиву фарҳангӣ, тақвияти рӯҳияи худшиносиву истиқлолталабӣ ва эҳёи ҳуввияти миллии тоҷикон хидмати арзандаеро анҷом додааст.

Дар боби сеюми диссертатсия «**Инъикоси ҳаракати ислоҳотхоҳонаи ҷавонбухориён дар «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и С.Айнӣ**» масъалаи таъсири сарнагуншавии ҳукумати подшоҳии Россия нисбати Аморати Бухоро, омодакунӣ ва эълони лоиҳаи ислоҳот аз ҷониби амир, намоиши ҷавонбухороиён ва пароканда намудани он мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар зербоби якуми боби сеюм «**Таъсири сарнагун намудани тартиботи подшоҳии Русия ба Аморати Бухоро**» диссертант иброз медорад, ки дар ибтидои асри XX дар Россияи подшоҳӣ неҳзатҳои зиддиҳукуматӣ ниҳоят шиддат гирифта, тибқи навиштаи Садриддин Айнӣ ба Аморати Бухоро низ таъсири худро расониданд: «Аввали марти 1917 (мутобиқи авохири ҷумодулаввали 1335 ҳиҷрӣ) Инқилоби Кабири маълум дар мамлакати Русия воқеъ шуда, дар зарфи се рӯз аҳолии Петрограду аскар ҳукумати мустабиддаи Рус ва арконашро - аз император Николай гирифта то вузарояш ба хоки мазаллату хорӣ заданд. Идораи ҳукумат ба дасти тараққихоҳон ва ҳуррияртпарварон афтод. Ин хабар ба суръати электрикӣ дар як рӯз тамоми мамлакати Русияро, балки ба тамоми дунё интишор ёфт. Дар ҳар гӯшаи хоки Русия, аҳолӣ бо як ваҷди фавқулода саргарми ҷашни шодмонӣ ва сармасти май, покӯбиву сарҷунбонӣ шуданд. Табиӣ, ин хабар дар Бухоро низ расида, раиягони Рус дуконҳову мағозахои худро ба аламҳои сурх тазйин намуда, эълони шодмонӣ карданд. Дар Когон ва дар тахти дарвозаи Қавола раиягони Рус аз мусулмону рус ва яҳуд намоиш карданд, нутқҳо гуфтанд, ҷавру бедоди ҳукумати собиқаи Русро ягон-ягон шумурданд. Аз зулму бедоду аз

---

[1] Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро, 1918 / Таҳияи К.С. Айнӣ // Куллиёт. Ҷилди 14.- Душанбе: Матбуот, 2005.- С. 130-131.

[2] Ҳамон ҷо.- С. 127.

бенизомиву фасоди ҳукумати Бухоро низ сухан дар миён оварданд, ислоҳу танзими ин мамлакати харобаро аз лавозими ҳуррият ва озодии мамлакати Рус шумурданд».[1]

Диссертант иброз медорад, ки Садриддин Айнӣ дар боби «Як назар ба давоири ҳукумат ва элчихона»-и «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» доир ба ҳаёти сиёсии Бухоро пас аз инқилоби Россия чунин қайд менамояд, ки баъд аз Инқилоби Русия ҳукумати Бухоро ва маъмурони элчихонаи Рус таъмини ҳол ва истиқболи худро дар ислоҳоти мамлакати Бухоро қарор дода, ба кор шурӯъ карда буданд. Дар аввал ҳаракоташон ҷиддиву ташаббусоташон самимӣ менамуд. Пас аз як моҳи Инқилоби Кабир доираи ҳукумати Рус ба хориҷ кардани бархе аз маъмурони собиқ ва ба ибқои баъзе ба кор шурӯъ карданд. Ҳайати вузарои Рус аз фирқаи кадет бо халти баъзе фирқаи ҳурриятпарварони дигар таркиб ёфт. Байни ҳукумати Бухоро ва баъзе аъзои Вазорати хориҷаи Рус ба воситаи элчихона роҳи мухобира кушода шуд. Аз он ҷо, ки солҳои зиёд ин маъмурон якдигарро ба хубӣ мешинохтанд, зуд ба ҳамдигар вуқуф пайдо карданд. Аз генерал Куропаткин, ки он вақт волии Туркистон буд, низ телегрофе ба элчихона, ба мазмуни «дар ҳаракати худ эътидол кунед», омад. Пас аз ин, ихтиёри ислоҳот ба ҳукумати Бухоро вогузор шуд. Азбаски, аҳолии бумӣ нодон буд, аксарияти онон ба воситаи уламо ва аҳди дини маҳаллӣ ба ҳар бозиву дасисаҳо ҳамроҳ карда мешуданд.

Муаллиф зикр менамояд, ки Садриддин Айнӣ дар бораи ҷамъияти «Шӯрои Ислом» чунин иброз доштааст: «Азбаски ҳукумати Бухоро аз эшон тамом қатъи алоқа карда буд, ба касе, ки муттаҳам ба тараққипарварӣ бошад, хатти роҳдорӣ намедод, Шӯрои Ислом ба эшон аз элчихонаи Рус шаҳодатнома гирифта медод. Валҳосил, Шӯрои Ислом чанд гоҳ ба адои аз ҳамин қабил вазоиф умр гузаронд ва ҳукумат низ филҷумла, эшонро риоя мекард. Вақте ки парешонии ҳукумати марказияи Рус зиёд шуд ва дар Бухоро Мир Бурҳониддин қозикалон гардид, ҳукумати Бухоро дар тазйиқи ҷавонбухориён ва касоне, ки ба тараққипарварӣ муттаҳам аст, зиёдатар кушид. Табиӣ, зулмдидагон ба Когон фирор мекарданд ва аз соири аҳолӣ низ касе, ки зулме бинад, дар Когон омада, ба Шӯрои Ислом аъзо мегардид. Ба ин сабаб одамони ҷоҳили бисёре ба унвони мунавварулфикрони Бухоро дар Когон ҷамъ шуданд. Ифротпарварон аз ҷамъ шудани мардум боз дар умедворӣ афтода, дар хаёли худ ислоҳоти восеаро мегузаронданд.[2] Ҳатто, пас аз барқарор шудани ҳокимияти шӯравӣ пантуркистон фаъолияти худро қатъ накарда, ба сафи ҳизби коммунистӣ ва дигар мансабҳои давлати шӯравӣ дохил шуда, нисбати тоҷикон фаъолияти душманона бурдаанд. Онҳо инқилоби пролетарии октябри соли 1917-ро ҳодисаи русӣ пиндошта, бозгашти мусулмонони Осиёи Миёнаро ба замони Чингизхону Темурланг таблиғ мекарданд.

Дар диссертатсия таъкид шудааст, ки ҷавонбухороиён ҳамчун қувваи ягонаи оппозитсионӣ аз амир ислоҳот талаб мекарданд. Ба шаҳодати С.Айнӣ

---

[1] Айнӣ С. Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро –Душанбе, 2005.- С. 156

[2] Айнӣ С. Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро, 1918 / Таҳияи К.С. Айнӣ // Куллиёт. Ҷилди 14.- Душанбе: Матбуот, 2005.- С. 245.

Ҳукумати Муваққатии Россия ҳам ин гуна ислоҳотро талаб мекард ва аз ҷониби ҳукумати ҳукумати Бухоро масъалаи ислоҳот дастгирӣ меёфт. С.Айнӣ дар ин бора навиштааст: «Хусусан дар ин боб бо Вазорати хориҷаи Рус чанд телегроф радду бадал шуда буд ва аз ҷамъиёти мусулмонони Русия ҳаррӯза телегрофи табрику ташвиқ ба ислоҳот ба ҷаноби олӣ мерасид. Амир низ ба ҳамин тарз ҷавоб медод. Ҷаридаҳои русиву мусулмонӣ масъалаи ислоҳоти Бухороро васила карда, маколаҳо менавиштанд, роҳҳо нишон медоданд ва ташвиқот мекарданд. Бинобар ин лозим буд, ки лоақал ҳукумати Бухоро дар ин боб як фармон баровард, ба феъл овардани мундариҷоти фармонро ба раъйи аксарӣ ҳавола кунад (ин нукта аз матни фармон ба хубӣ маълум мешуд). Ҳар гоҳ, ки кор ба раъйи аксарӣ ҳавола шавад, осон мегардад; зеро раъйи аксарӣ ва савияи маълумоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии эшон маълум аст».[1]

Дар зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия **«Омода ва эълони лоиҳаи ислоҳот аз тарафи амир”** муаллиф қайд менамояд, ки амири Бухоро Олимхон барои ором кардани халқ ва мустаҳкам кардани пояи давлатдории худ 7 апрели соли 1917 дар бораи «Ислоҳот» баёния баровард, аммо дар ин баёния ба ғайр аз ваъдаҳои хушку холии умумӣ чизе набуд. Пас аз эълони фармони ислоҳот баъзе аз тараққипарварон дар Регистон баёнияро ба аҳолӣ қироат намуда, табрикот хонда, ба хаққи ҷаноби олӣ дуоҳо намуданд ва ба ваҷд омаданду бо шиори «Зинда бод амири озодидӯст» ба намоиш баромада, арзи сипоси худро ба амир ифода карданӣ шуданд.

Диссертант зикр менамояд, ки ҳукумати подшоҳии Россия барои ҳукумати Аморати Бухоро пушту паноҳи асосӣ маҳсуб мешуд ва аз ин лиҳоз, амир Олимхон тамоми чораҳоро медид, ки дар сарзамини аморат ба шӯришҳои халқӣ роҳ надиҳад. Ӯ дар ин амалиёт бо кормандони агентии сиёсии дар Бухоро мавҷудбудаи Россия муштаракона амал мекард, ки дар ин бора С. Айнӣ дар асараш навиштааст: «Аркони элчихонае, ки он вақт иборат аз Миллер, Шулка ва Введенский буданд ва аз маъмурони намоёни ҳукумати мустабиддаи Рус ба шумор мерафтанд, низ аз ин Инқилоб саросема шуда буданд худро гум карда, поро аз сар намешинохт; метарсид, ки фирқаи аҳрор ва аскари Русия мабодо табдили асоси ҳукумати Бухороро хоҳанд ва [амир ва ёронашро низ] мисли Николай ва атбоаш аз беху бунёд бардам зананд. Бинобар ин, ба хар ранге, ки мумкин бошад, хифзи хукумати ҳозираро мекарданд»[2].

Ба андешаи С.Айнӣ, масъалаи «Ислоҳот»-и Бухоро аз замони салтани амир «Абдулаҳад, хусусан баъд аз афзоиш ёфтани қадри пешкаш ва ҳадяи дарбор қузот ва ҳукком хеле худсар шуда, буданд».[3] Ҳамзамон С.Айнӣ таъкид менамояд, ки «маъмурони императорӣ низ мадохили ҳукумати Бухороро ба

---

[1] Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро, 1918 / Таҳияи К.С. Айнӣ // Куллиёт. Ҷилди 14.- Душанбе: Матбуот, 2005.- С. 181.
[2] Ҳамон ҷо.- С.157.
[3] Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 10. – Душанбе: Ирфон, 1966.- С.148.

ҳисоб гирифта, дар кор фикри кори худ буданд, ки Абдулаҳад вафот кард, амир Олим ҷулус намуд.»[1]

Ҳамин тариқ, дар замони идораи амир Олимхон бо сайъу кӯшиши ҷавонбухориён ва бо дастгирии Ҳукумати Муваққатӣ масъалаи «Ислоҳот» қариб ҳалли худро дарёфта буд, лекин намоиши «шукрона»-и ҷадидони сиёсатталаб ба ин амал монеа гардид. Дар натиҷа хуни одамони бегуноҳ рехта гардид, ки дар таърих бо номи «ҷадидкушӣ» маълум аст.

Дар зербоби сеюми боби сеюми диссертатсия «**Намоиши ҷавонбухороиён ва пароканда намудани он**» аз ҷониби ҷадидон ташкил шудани намоиши «шукрона» ва натиҷаҳои он мавриди таҳқиқ баррасӣ шудааст.

Амири Бухоро барои ором кардани халқ ва мустаҳкам кардани пояи давлатдории худ 7 апрели соли 1917 дар бораи «Ислоҳот» баёния (манифест) баровард. Дар ин баёния (манифест) ҷуз аз суханронии умумиву бебунёд набуд, аммо ҷадидони Бухоро ба ваҷд омаданду бо шиори «Зинда бод амири озодидӯст» ба намоиш баромаданд.

Аз таҳлилу баррасии асар бармеояд, ки дар ҳақиқат Айнӣ зидди падидаҳои сиёсии ҷомеаи ҳамонвақтаи Аморати Бухоро буд, ҷадидони ислоҳотхоҳро аз ташкил кардани мавокибу ҳамоишҳо боздоштанӣ будааст. Оиди масъалаи мазкур Садриддин Айнӣ ба Мирзо Абдулвоҳид чунин ибрози ақида менамояд: «Шумоён дар масъалаи ислоҳот хеле аҳамият дода, хатто ба рӯзи бурузи фармони амир намоиши шодиёна карданӣ будетон. Касоне, ки дар муқобили шумоён ҳастанд, мегуфтанд, ки агар тараққипарварон намоиш кунанду байрақ бардоранд, то як қатра хун дорем, муқобилат хоҳем кард. Бинобар ин, ба хотири ман мерасад, ки дар ин кор ба эҳтиёт ҳаракат кардан лозим аст. Байракбардорӣ кори мухимме нест. Барои як амри ғайримуҳим сабаби ақсулҳаракат шудан кори одами оқил нест». Мирзо Абдулвохид гуфт: «Ҳар кас моро куштанӣ бошад, дуву ним миллион одамро мекушад. Модом ки шумо «байрақ набардоретон» мегӯед, мо хоҳем бардоштан» (ба ростии ин мусоҳиба, бародарам Ҳоҷӣ Сироҷиддини мударрис шоҳид аст). Зотан, байни фақир ва соири тараққипарварони Бухоро мусоҳибаи хусусӣ ҳам кам иттифоқ меафтод, чӣ ҷои мушовираҳои сиёсӣ».[2] Лекин бо вуҷуди садди роҳи роҳпаймоён шудани Айнӣ ва ҳаммаслаконаш «Тараққипарварон аҳд карданд, ки ба ин муносибат дар назди Арки Бухоро бо мусиқӣ ва шиорҳо намоиши шукрона барпо созанд. Ба намоиш арманиҳо ва яҳудиён ҳамроҳ шуданд, ки дар даст байрақҳо доштанд. Ҷавонони бухороӣ низ алам дар даст ва ашъори миллӣ дар забон пеш-пеши намоиш мерафтанд».[3]

Муаллиф зикр менамояд, ки Айнӣ дар асараш ин воқеаи таърихиро воқеъбинона чунин шарҳ додаст: «Фақир шаб дар он ҷо (хонаи Мирзо Муҳйиддин -«М») хобида, субҳ, баъд аз намози бомдод ба манзили худ

---

[1] Ҳамон ҷо.- С.150.
[2] Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро –Душанбе, 2005.- С.180
[3] Каримов О. ва Сайфуллоев А. Аз таърихи андешаи миллии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввалҳои асри XX.- Хуҷанд: Ношир, 2011.- С. 296.

омадам, дар роҳ дидам, ки ба дари мағозаи «Баракат» ҷамоаи мутакассирае аз тараққипарварон хозир буданд. Дар ҳуҷра омада, мунтазири вуқӯи воқеаҳои аҷиба шуда нишастам. Дар ин асно, яке аз талаба пешам омад. Ба Фазлиддин Махдум лузуми манъи намоишро ишъор карда, мактубча навишта, хамрохи талаба фиристодам ва ба талабаи мазкур таъйин кардам, ки «Ҳар гоҳ намоиш кунанд, маро зуд хабар деҳ». Ғаразам он буд, ки агар намоиш кунанд, бояд зуд фирор кунам. Валҳосил, ба ҳуҷра бо андешаи дуру дароз нишастам. Тахминан баъд аз як соат овози ғулғулаи мардум баромадан гирифт. Аҳолӣ ба як ҳолати музтарибона ба ҳар тараф медавиданд. Аз даруни Мадраса низ хеле овози шӯру гавғо меомад. Баъд аз фурсате аз тарафи куча касе дарамро зад, хабар гирифтам, талабаи маъхуд буд, гуфт: «Ғавго барпо шуд. Намоишчиён байрақ бардошта то Хиёбон рафтанд. Аз тарафи дигар ақсулҳаракат бархоста, ба андак фурсат тамоми шаҳрро фурӯ гирифт. Ҳозир аҳли балво ба ҳар куҷо ҷамъ шуда дар садади қатлу ғорати тараққипарваронанд. Ҷамъияти мутакассирае аз аҳли балво ба Регистон аз ҳукумат танбеҳи тараққипарваронро мусирран талаб доранд». Гуфтам: «Омад ба сарам аз он чӣ метарсидам».[1]

Амир Олимхон ва Насруллоҳбийи қушбегӣ худро зоҳиран ҷонибдори ислоҳоти ҳукумати Бухоро ва ҳамақида ба тараққипарварону мухолифини онҳо намоиш медоданд, аммо сиёсати дурӯяро пеш гирифта буданд. Минбаъд ҷадидонро «инқилобгароёни»-и хатарноктарин ҳисоб мекарданд, пас аз намоиш таъқиби онҳо оғоз гардид. Махсусан, мардуми меҳнаткаш ва ходимони аслан тараққипарвари Аморати Бухоро ба таъқиботи сахт дучор гардиданд. Дар ин рӯзҳо ҳамаи зиндонҳо аз бандиён пур буданд. Ҷаллодони амири Бухоро дар кӯчаҳо ҳатто одамонеро ҳам медоштанд, ки сару либосашон назар ба ақидаи онҳо «ба рӯҳи мусулмонӣ» муносиб набудааст. Гурӯҳ-гурӯҳ одамони бегуноҳ ҳар рӯз ба марги пуразоб гирифтор мешуданд. Садҳо одамонро бо андак шубҳа чӯб зада ҷазо медоданд. Бо фармоиши амир Садриддин Айниро низ дастгир карда 75 чӯб мезананд ва ба зиндон мепартоянд. Ин воқеа дар асари Айнӣ дар боби «Обхона»[2] бо як сӯзу гудоз тасвир ёфтааст.

Садриддин Айнӣ дар бораи намоиши «шукронаи» ҷавонбухороиён мулоҳизаашро ба тариқи хулоса чунин баён кардааст: «Намоиш ба муносибати эълони ислоҳот сабаби зуд сар задани аксулинқилоб гардид. Чунон ки дар ҷои худ зикр кардем, агар ҷавонон намоиш барпо намекарданд ҳам, он фармон ба амал гузаронида намешуд, локин дар он сурат ба хотири ҳар кас расида метавонист, ки ҷавонон намоиш барпо карда як дараҷа масъули шӯриши аксулҳаракат гардиданд ва агар намоиш барпо намешуд, тамоми масъулият ба зиммаи ҳукумати Бухоро меафтод. Нависандаи ин сатрҳо низ ба ҳамин фикр будам. Локин вуқӯот акси инро нишон дод. Намоише, ки дар он вақт баргузор шуд, барои ҷавонон як салоҳи тасодуфӣ гардид, зеро агар ба муносибати намоиш якбора аксулҳаракат бархоста, ниқоб аз рӯи ҳукумати Бухоро намеафтид, ҷавонҳо аз Бухоро намегурехтанд ва баъд, ҳукумат дар як фурсати

---

[1] Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро.- Душанбе, 2005.- С. 190.
[2] Ҳамон ҷо.- С. 209.

муносиб тамоми роҳбарони ҷавононро дастгир намуда мекушт ва ба таърихи зулму ваҳшонияти худ боз саҳифае илова мекард.»[1]

Муаллиф хулоса менамояд, ки Садриддин Айнӣ дар китоби мавриди назар сабабҳои шикастхӯрии ҳаракати ҷадидони Аморати Бухороро чунин шарҳ додааст: «Аввалан, савияи маърифати аксарияти онҳо паст буда, дониши қазоӣ ва саводи сиёсӣ надоштанд; сониян, ноиттифоқ буданд, содаю зудбовар, ҳиллаю найранг ва фасоду фитнаи ҳукуматдоронро фаҳмида наметавонистанд; солисан, дар роҳи интихобкардаашон устувор набуданд ва фишоре ҳис кунанд, мавқеашонро тағйир медоданд. Одамоне, ки дар солҳои аввал тарафтори мактаби ҷадида буданд ва фарзандонашонро дар он макотиб мехонониданд, дар давраи хуруҷи аксулҳаракат, аз ҷону молашон тарсида, ба он пайвастанд; ахирон, дар байни тараққипарварон ашхоси мунофиқу дурӯя кам набуданд, ҳатто баъзе роҳбарони онҳо ҳамчун Файзулло Ҳоҷиев фитнагарӣ мекарданд (дар боло зикр карда будем)».[2]

Боби чоруми диссертатсия «**Масъалаи зиддияти байни давлати шӯравию ҳукумати Бухоро ва сарнагун намудани тартиботи амирӣ дар осори С.Айнӣ»** унвон дошта, дар зербоби аввали он «**Воқеаи Колесов**» **аз нигоҳи С.Айнӣ**» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки ҳангоми таҳқиқу таҳлили асари мавриди назар муайян карда шуд, ки сарҳади поёнии инъикоси воқеаҳои таърихӣ соли 1917-ро дар бар мегирад. Лекин пас аз Инқилоби Октябр бо хоҳиши Вазорати маорифи Бухоро дар шахсияти Қори Йӯлдош Пӯлод, аз моҳи ноябри соли 1920 то моҳи маи соли 1921 аз ҷониби Садриддин Айнӣ маводҳои тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ тарҷума мешаванд ва такмил меёбанд, рӯйдодҳои соли 1920 ва ғалабаи Инқилоби Октябр ба он ворид мегардад.

Аз ин лиҳоз, воқеаи Колесов, ки боби чоруми диссертатсия ба он бахшида шудааст, дар асари «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» таҷассум нагардида бошад ҳам, дар тарҷумаи ӯзбекии он бо номи «Бухоро Инқилобининг таърихи», ё худ «Таърихи инқилоби Бухоро» (тарҷумаи Раҳим Ҳошим) инъикос ёфтааст.

Аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст, ки моҳи марти соли 1918 байни Туркистон ва Бухоро «моҷарои Колесов» ба амал омад, ки он натиҷаи фаъолияти моҷароҷӯёнаи ҷавонбухориён ва сиёсати саҳви шӯрои комиссарони халқи Туркистон буд. Воқеаи мазкур дар осори Садриддин Айнӣ, бахусус дар китоби «Таърихи инқилоби Бухоро» инъикоси муфассали худро ёфтааст. Дар он аз ҷумла омадааст: «Муҳимтарин воқеаи қисми чорум воқеаи Колесов мебошад, ки чӣ навъ сар шудани он, дар байни ҷавонбухороиён ва бо Колесов чӣ музокираҳо ва аҳдномаҳо шуданаш, сабабгори ин воқеа ҷавонбухороиён буданд, ё Колесов ва ришта ин қабил нуктаҳои аз ҷиҳати таърих муҳим барои ман торик мебошанд. Зеро пас аз воқеаҳои соли 1917 ман ба Самарқанд

[1] Ҳошим Р. Садриддин Айнӣ дар хотироти дӯстон ва шогирдон.- Душанбе: Ирфон, 1968.- С.20.

[2] Каримов О. ва Сайфуллоев А. Аз таърихи андешаи миллии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввалҳои асри XX.- Хуҷанд: Ношир, 2011.- С. 296.

кӯчида, аз воқеаҳое, ки дар Когон рӯй медоданд, тамоман бехабар мондам. Баъдҳо дар бораи сабабҳо ва оғози ин воқеа аз ашхоси мухталиф баъзе маълумот гирифта бошам ҳам, ин маълумотҳо хусусӣ буда, ба ягон санади расмӣ мустанад нестанд. Бинобар ин он чи дар бораи сабабҳо ва илали ин воқеа менависам, иборатанд аз маълумоти ба даст даровварда, аз муҳокима ва қиёсҳои шахсии худам.Ҳоло ман бо ҳамин қадар иктифо мекунам. Додани маълумоти боз ҳам аёнтар вазифаи касонест, ки биззот дар он иштирок доштанд. Ҳарчанд аз оғози воқеа бохабар будам, вале аз фоҷеаҳое, ки ба ин муносибат рӯй додаанд, аз қатли омҳои ҳукумати Бухоро, аз фалокат ва мусибатҳое, ки ҷавонон гирифтор шудаанд, як дараҷа огоҳӣ дорам. »[1]

Ҷавонбухороиён дар ин давра бо сабаби нафрати беандоза нисбати ҳукумати амир ба ҳар кор омода буданд. «Табиӣ, ки дар ин ҳаракат дастовези ҷамъияти Шӯрои исломи ҷавонбухороиён буд. Колесов дар ин маънӣ бо роҳбарони ҷавонбухороиён (Файзуллохоҷа) ба як фикр омада, бе таҳияи дурусте масъалаи бузургеро ба гардан гирифта, худро ба майдон андохт.»[2] Қувваи ҷангии Колесов танҳо аз 400-500 нафар марди мусаллаҳ иборат буд, ки онҳо аз коргарон иборат буда, стратегияи ҷангӣ надоштанд. Охири феврали соли 1918 Ф. Колесов ба Когон (Бухорои нав) омада, аз номи ҷавонбухороиён ба ҳукумати Бухоро талабномае дод, таслим шудани қувваи мусаллаҳи амирро талаб кард. Лекин Ҳукумати Бухоро ба Колесов ҷавоб надода, ба ҷанг омодагӣ дид. Пас аз он, ки дар тули 2 рӯз ҳам аз амир ҷавоб наомад, 2-юми марти соли 1918 Колесов ба Бухоро ҳуҷум кард. Ба шаҳодати С.Айнӣ «дар ин муҳориба тӯпхонаи амир, ки ба қарибии вокзали Бухоро ҷойгир шуда буд, хасороти кулли дида, Шамс ном як саркардаи амир талаф гардид.»[3]

Ба ақидаи муаллиф сабабҳои зуҳури воқеаи Колесов аз нуқтаи назари Садриддин Айнӣ чунинанд: 1) Дар ин давра ҳукумати советӣ фақат дар Тошканд ва Самарқанд барқарор буда, Қӯқанд ба сари худ мухторият эълон карда буд ва Ҳафтрӯд вазъи худсаронае дошт. Дар чунин як вазъият андак душмании Бухоро ба бисёр воқеаҳо сабаб шуда метавонист. Шояд барои ҳамин бошад, ки Колесов аз паси воқеаи Қӯқанд масъалаи Бухороро низ ҳал кардан мехост; 2) Воқеаи казакҳо, ки ба Когон омада, аслиҳаи коргарони шӯравиро гирифта, аз ҳукумати Бухоро ёрмандӣ дида буданд, боиси зудтар ба маъраз гузоштани масъалаи Бухоро гардид; 3) Ҷавонбухороиён дар ин даврон ба ҳар коре омода ва ба ҳар воқеа тайёр буданд. Бинобар ин, бо Колесов хеле зуд созиш карда, масъалаи Бухороро ба маъраз гузоштанд; 4) Ҷавонбухориён он давра нисбати деҳқонон ва сарбозони Бухоро афкори ботилро доштанд. Ҷавонон гумон мекарданд, ки деҳқонон ва сарбозоне, ки аз ҷабру зулму ҳукумати Бухоро ҷон ба лабашон расидааст, бо андак ҳаракат ба ҷавонбухориён ҳамроҳ шуда, барои ба даст омадани ҳадафҳои ҷавонбухориён, ки айни муддао ва манфиати онҳост, кӯмак мекунанд.

---

[1] Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро / Баргардонанда аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ ва мураттиб Раҳим Ҳошим.- Душанбе: Адиб, 1987.- С. 207.
[2] Айнӣ Садриддин. Куллиёт. ҷилди 10. Нашриёти Ирфон:-Душанбе, 1966.- саҳ.174
[3] Айнӣ Садриддин. Куллиёт. ҷилди 10. Нашриёти Ирфон:-Душанбе, 1966.- саҳ.174

Ҳамзамон диссертант натиҷаҳои бебарори воқеаи Колесовро аз нуқтаи назари Садриддин Айнӣ таҳлилу баррасӣ намуда, дар чор банд натиҷагирӣ намудааст.

Зербоби дуюми боби чоруми диссертатсия «**С.Айнӣ оиди омодагиҳо барои сарнагун намудани тартиботи амирӣ ва натиҷаҳои он**» ном дорад.

Диссертант дар такя ба маводи «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ва дигар осори С.Айнӣ зикр мекунад, ки пас аз «Воқеаи Колесов» вазъияти баамаломада ҷавонбухороиёнро маҷбур намуд, ки дар атрофи Кумитаи Марказии ҳизби худ муттаҳид бошанд. Онҳо вазъиятро борҳо муҳокима намуда, ба хулосае омаданд, ки минбаъд дар масъалаи сарнагун намудани тартиботи амирӣ бо якҷоягии ҳукумати Туркистони Шӯравӣ амал намоянд. Дар асари мавриди назар ишора мешавад, ки шаби шанбе фирориёни Когон дар Самарканд, Тошканду Каршӣ аҳволро маълум карда, аскар талаб карданд. Вале дар ин ҷо ҳам ҳарчанд Ҳукумати Шӯравӣ ҳукмронӣ мекард, онҳоро ҷосусони амирӣ ором намегузоштанд. Аз ин лиҳоз, ба сарварони ҷавонбухороиён зарур гардид, ки муносибати худро нисбат ба Давлати Шӯравӣ муайян намуда, ба ҷониби ҳукумати шӯравӣ гузаранд, зеро эътимоди ҷавонбухороиён нисбати амиру амирпарастон коста буд. Инчунин онҳо хурсанд аз он буданд, ки зиддияти байни давлати Шӯравӣ ва Аморати Бухоро рӯз аз рӯз бештар мегардад.

Дар рисола таъкид мегардад, ки 29 августи соли 1920 ҷавонбухориён бо ҳамроҳии аскарони сурх ва ҷавонони Чорҷӯй, Бухоро, Хатирчӣ, Қаршӣ ва Шаҳрисабз ба ҳукумати амир ногаҳон ҳуҷум карданд. Дар натиҷа Арки Бухоро, хазинаи чандинсолаи амирони манғит, инчунин аз тахти манори Бухоро то Регистон ҳамаро сӯзониданд. Дар натиҷаи ин хуҷум санаи 1-уми сентябри соли 1920 амир аз Бухоро фирор кард. «Вақте ки амир Олимхон ба ҳуҷуми лашкари сурх тоб наоварда аз Бухоро гурехт, чанд гоҳе дар Ҳисор ва Душанбе «оре, бале» карда истод. Ин чандрӯза салтанати мурдори худро ҳам бекора нагузаронид. Ҳар қадаре, ки мумкин буд, аз кӯҳистон духтар ғун карда зан гирифт. Касоне ки аз тарафи амир дар шаҳрҳои кӯҳистон ҳоким буданд, пешкаши аввалинашон ба амир зан ва духтар буд.»[1] Воқеаи мазкурро Садриддин Айнӣ чунин шарҳ додааст: «Амир Олим рӯзи чаҳоршанбе соати як баъд аз зӯҳр 18-уми зулҳиҷҷа соли 1338 (01.09.1920) ба шимоли шаҳри Бухоро, аз Чаҳорбоғи Ситорамаҳҳоса бо маийяти худ фирор карда, ба Ғиждувон рафта, шабро дар он ҷо ба хонаи Абдулло ном бойбача ном яке аз махсусони худ гузаронид.»[2]

Тавре ки дар диссертатсия зикр гардид, Садриддин Айнӣ дар асараш «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» рӯйдодҳои солҳои 1918 – 1920-ро қайд накардааст, зеро асари мазкур моҳи феврали соли 1918 дар Самарқанд навишта шуда буд. Ӯ воқеаҳои ин давраи таърихиро минбаъд - соли 1920 дар варианти ӯзбекии асараш бо номи «Бухоро Инқилобининг таърихи» аз забони шоҳидону дӯстон бо исботи далелу бурҳон барои нашр омода менамояд. Вале,

[1] Айнӣ С. Куллиёт.- Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон. ҷилди 5,саҳ.224
[2] Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 10.- Душанбе: Ирфон, 1966.- С.186.

ин китоб, тавре ки дар боло зикр шуд, танҳо соли 1926 бо тавзеҳоту ихтисорот ва иловаҳо дар шаҳри Москва бо номи «Бухоро инқилоби таърихи учун материаллар» бо кӯшиши Назир Тӯрақулов ба табъ мерасад.

### 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Осори мондагори Садриддин Айнӣ тавассути осори мондагораш таҷассумкунандаи ҳақиқати зиндагӣ маҳсуб меёбад ва дар даврабандии нави шартии таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик ҳамчун сарчашмаи муҳимми илмӣ хизмат менамояд. Ӯ ҳамчун муаррихи барҷаста ва нависандаи нуктасанҷ дар китоби «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» масъалаҳои мубрами ҳаёти халқи тоҷик, аз ҷумла инқилоби фикрие, ки дар Аморати Бухоро дар охири асри XIX ва аввали асри XX ба амал омада буд, баррасӣ намуда, бедории фикрӣ ва сиёсии халқи тоҷик ва дигар халқҳои Аморати Бухороро инъикос намудааст. Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва таҳқиқи мавзӯи инқилоби фикрӣ дар Аморати Бухоро аз рӯи асари «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» - и Садриддин Айнӣ, заминаи пайдоиш ва шаклҳои он дар замони ҳукуматдории амирони манғит ва Россияи подшоҳӣ дар робита бо вазъи ин муаммоҳо, анъанаҳо ва навовариҳо, таҳлили маълумоти маъхазӣ, манобеи хаттӣ, ҳамчунин асноди бойгонӣ ба чунин натиҷаҳо мерасонанд:

1. Устод Айнӣ дар як давраи пурфоҷиаи таърих баҳри худогоҳии миллӣ, бедории халқи тоҷик, ҳифзу нигаҳдории забони миллӣ, густариши фарҳангу тамаддун, инкишофи минбаъдаи давлатдории тоҷикон ба мубориза бархоста, барои заминагузории давлатдории миллии тоҷикон дар замони барпоёбии Ҳокимияти шӯравӣ, бахусус, дар давраи тақсимоти миллӣ – ҳудудӣ хидматҳои босазо намудааст. Ӯ дар қатори дигар маорифпарварону тараққихоҳони замонааш сабабҳои рушду пешравии кишварҳои Аврупоро муайян намуда, ақибмондагии мамлакатҳои Шарқ, аз ҷумла Аморати Бухороро ба паст будани сатҳи илму маориф алоқаманд медонад ва ақидаҳои худро дар асараш «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» баён намудааст. Садриддин Айнӣ ҳамчун таърихнигор дар осораш нақшу мақоми тоҷиконро дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Осиёи Марказӣ мавриди омӯзиши қарор додааст, ки онҳо ҳамчун маъхаз дар замони муосир хизмат мекунанд. Дар баробари он, дар осораш дар бораи таърих, забон, адабу фарҳанги оламшумули тоҷик маълумоти муфассал додааст.

Маҳз, дар заминаи омӯзиши эҷодкоронаи Садриддин Айнӣ сарватҳои маънавии гузаштаи тоҷикон арзи ҳастӣ карда, бо дастовардҳои илму фарҳанги замонаш рушду такомул ёфтаанд. Дар таърихнигории муосири ватанӣ омӯзиши асарҳояш бо диди нав аз ҳар ҷиҳат арзишманд буда, неруи ақлонию зеҳниро такон медиҳанд ва ба рушди минбаъдаи таъриху адабу фарҳанги тоҷик мусоидат менамоянд. **[2-М].**

2. Асари мазкур дорои маводи нодиру пурқимати илмию адабӣ ва фарҳангӣ буда, барои таҳқиқи афкори сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии аморати Бухоро дар охири асри XIX ва аввали асри XX сарчашмаи

таърихии гаронбаҳо маҳсуб меёбад. Нуқтаи назар ва диди таърихии Садриддин Айнӣ дар ин китоб оид ба вазъияти ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва адабию фарҳангии Аморати Бухоро дар ибтидои асри XX, ки худи ӯ яке аз симоҳои забардасти он буд, вокеъбинона ва холисона ифода ёфтааст

Аз ин лиҳоз, устод Айнӣ бо осори гаронбаҳояш, дар ҳақиқат, ҳамдаму ҳамқадами имрӯзу ояндаи миллати тоҷик мебошад. Дар асари мавриди назар як қатор муаммоҳои муҳимми таърихнигории Садриддин Айнӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, доир ба таърихи халқи тоҷик дар охири асри XIX ва аввали XX маводи нодиру тоза медиҳад. [2-М].

3. Инъикоси зуҳуроти пешқадами афкори адабию фарҳангӣ ва сиёсии аввали асри XX, марҳилаи муҳимми таърихи халқи тоҷик, ки аз худшиносию худогоҳӣ, таблиғи озодӣ ва, махсусан, истиқлоли миллӣ шаҳодат медиҳад, ҷавҳари асосии асари мазкур маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, Садридин Айнӣ тавонистааст, ки дар бораи сарвати маънавии халқи тоҷик - мероси илмию адабии аҳли адабу фарҳанги давраи ҷадидия, ки худ низ аз иштирокдорони фаъоли ин падидаи пешқадами иҷтимоию сиёсӣ ва адабию фарҳангӣ ҳисоб меёфт, маълумоти муфассал диҳад. Вобаста ба ин масоил, махсусан мулоҳизаҳои Садридин Айнӣ доир ба омилҳои айнию зеҳнии пайдоиши ҳаракати ҷадидия, қонуният ва тамоюлҳои инкишофи он дар замони «инқилоби илмӣ ва иҷтимоӣ», хусусиятҳои миллию байналмилалӣ, мундариҷавию ғоявӣ ва шаклию бадеии осори адибони давраи ҷадидия, аҳамияти матбуот дар равнақи адабиёт ва ғановати маънавияти мардум, нақши осори адибони равшанфикру тараққипарвар дар инқилоби фикрӣ ва худшиносии мардум, аз чанд ҷиҳат қобили таваҷҷуҳанд ва онҳо вежагиҳои мактаби таърихнигории ӯро дар солҳои баъдӣ муайян месозанд.

4. Таърихи аввали асри XX халқи тоҷик гуногунранг буда, баъзе саҳифаҳои он то ҳол норавшан ва баҳсталаб боқӣ мемонанд. Дар таърихи афкори сиёсию фарҳангӣ ва иҷтимоии халқи тоҷик инқилоби фикрӣ гоҳо пурқуввату комил, баъзан заифу ноаён ба вуқуъ омада бошад ҳам, ҳаргиз аз байн нарафтааст. Далели равшани зуҳороти инқилоби фикрӣ ва инкишофи он дар ҳамаи марҳилаҳои таърихи халқи тоҷик, аз асрҳои VII - VI пеш аз мелод то замони муосир ба назар мерасад. Тавре ки натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, дар асари мазкур инқилоби фикрии Аморати Бухоро дар аввали асри XX ба таври воқеъбинона инъикос гардидаанд, ки далели мубрамияти таҳқиқи мавзӯи мазкур аст ва аҳамияти бузурги назариявӣ ва илмӣ-амалӣ дорад. Устод Айнӣ бо навиштани асари «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» хостааст, ки нақши ҷараёни маорифпарварӣ ва ҳаракати ҷадидияро ҳамчун падидаи пешқадам дар ташаккули мактабҳои усули нав ва аввалин мактабҳою рӯзномаҳои тоҷикӣ, ки маҳз онҳо омили асосии инқилоби фикрӣ дар Аморати Бухоро гардиданд, ба риштаи таҳқиқ кашад. [3-М].

5. Заминаҳои ба вуҷуд омадани инқилоби фикрӣ дар Аморати Бухоро дар асари «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» - и Садриддин Айнӣ то ҳадди имкон мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд.

Тавассути таҳлилу таҳқиқи асари мазкур, мо бори дигар бо он ҳама донишҳо ва илмҳои сершуморе, ки Садриддин Айнӣ аз онҳо огоҳӣ дошт ва бо маҳорати баланд тавонист дар асари мавриди назар сабт намояд, аз наздик ошно шудем. Садриддин Айнӣ дар таълифи осораш ба он муваффақ шудааст, ки ҳар як воқеаи марҳилаи муайяни таърихиро воқеъбинона нишон дода, тағйирёбии ҳаёти инқилобии халқро дарк намояд. Зариф Раҷабов - муҳаққиқи барҷастаи осори таърихии Садриддин Айнӣ, қайд менамояд, ки устод дар асарҳояш хислатҳои аксарияти ҳокимонро кушода дода, ба андозаи беҳад зиёдшавии зулму асорат, болоравии ҳаракати халқӣ–озодихоҳиро беғалат тасвир намудааст;

6. Ҳарчанд инқилоби фикрӣ дар Бухоро аз ҷониби тараққипарварон зоҳир шуда бошад ҳам, лекин дар шароити сахти маҳалагароӣ, хешутаборӣ ва зиддияти байни халқи тоҷик ва дигар халқҳои Бухоро, бо вуҷуди мансубияти ҳамаи ин халқҳо ба мусулмонӣ, пурра амалӣ нагардид, ки онро дар чунин сабабҳо шарҳ додан мумкин аст: амалдорону аъёни давлат ва сиёсат, манфиати давлат ва халқро дар заминаи маънавиёти мардум аз ҳама боло гузошта натавонистанд; ҳисси ватанпарварӣ, садоқат ба давлат ва халқи кишвар дар сиёсати ҷорикардаи Бухоро ба назар намерасид; ҳукумати Бухоро дар зери ғоя ва қадрияти умумидавлатӣ ва умумихалқӣ аҳолиро муттаҳид карда натавонистанд; дар замони амир Музаффар аморат пурра ба вассали Россияи подшоҳӣ табдил ёфт;

7. Ҳарчанд, дар аввали асри XX дар зери таъсири ҷараёнҳои пешқадами таърихии дар Россия, Аврупо ва кишварҳои ҳамсоя сар зада баъзе дигаргуниҳо дар аморат ба вуқӯъ пайваст, аммо шароити тираю тор ва хурофоту эътисоби мардуми Бухоро, махсусан уламои ислом то дервақт монеаи пешрафт ва тараққии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буданд. Ба сари тахти Бухоро омадани амир Олимхон ба давраи балвоҳои динӣ ва мазҳабӣ, иртиҷои таассуби динӣ рост омад. Аҳли Бухоро, ки аз аксарияти суннӣ ва бархе шиа иборат буданд, дар натиҷаи сиёсати ноустувори амир ва ҳукумати Бухоро ба ҳамдигар зиддият пайдо карданд. Ин зиддият ба задухӯрди ошкори сунниён ва шиаҳо рафта расонд. Бояд гуфт, ки решаи ин зиддият аслан на таассуби динӣ ва мазҳабӣ, балки зиддияти сиёсӣ буда, аз паст будани шуури сиёсию динии ҳукуматдорон ва халқҳои аморат дарак медод.

Ба хунрезии байни суннимазҳабон ва шиамазҳабон, ки асосан дар шаҳри Бухорои Кӯҳна давом кардааст, дар баробари шаҳриён инчунин пайравони ин равияҳо аз деҳаҳои атрофи шаҳр низ ҷалб гардидаанд. Ҳукумати амирии Бухоро қудрати бо қувваи худ бартараф намудани хунрезии мазҳабии байни бухороиён ва эрониёнро надошт. Бинобар ин, ба шаҳр як даста аскарони рус бо сарварии генерал Г.Г.Лилиентал дохил шуда, хунрезиро хомӯш намуданд. Ташаббускорони хунрезӣ — олимақомони суннимазҳаб ба азли қушбегӣ Остонакул ва ҳаммаслаконаш мушарраф гардиданд. Баъди ин воқеа Мирзо Насрулло, ки суннимазҳаб буд, ба вазифаи қушбегӣ сарафроз шуд. Ҳамин тавр, рақобати мансабӣ

дар Бухоро ба хунрезии калонтарине оварда расонид, ки гунаҳкорони асосии он мансабталошони ҳар ду мазҳаб — суннӣ ва шиа буданд. Вале ин фоҷиа ба гардани бечорагони бухороӣ ва эронӣ бадбахтиҳои зиёдеро овард. [1-М].

8. Асарҳои Садриддин Айнӣ бинобар хусусияти тараққипарваронаю ислоҳотхоҳона доштанашон барои ба табъ расидан ба монеаҳо дучор мешуданд. Асари «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» - и ӯ низ ҳамин хел сарнавишт дошт. Устод Айнӣ дар ин асари хеш ба таърихи халқи худ бо диди нав рӯ оварда, дар он арзишҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва сиёсиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Асари волои ин муаллиф «Таърихи Инкилоби фикрӣ дар Бухоро» ба забони аслии форсӣ - тоҷикӣ (Таърихи савтия ва Инқилоби фикрӣ дар Бухоро) ягона нусха ба хатти худаш мебошад, ки аз Самарқанд ба Бухоро барои чоп фиристода шуда буд ва дар бораи чопи он ҷавоби равшане ба муаллиф дода нашуд.

Қобили зикр аст, ки яке аз аввалин асарҳои таърихии устод Айнӣ «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ё ки «Материалҳои таърихи инқилоби Бухоро» мебошад, ки бахшҳои асосии онро муаллиф солҳои 1917-1918 навишта, баъдан ба он воқеоти марбут ба инқилоби Бухороро илова намудааст. Лозим ба ёдоварист, ки дастхати асари фавқуззикр бо сабаби ақидаҳои пешқадами тараққипарваронаю ислоҳотхоҳона доштанаш на танҳо ба нашр намерасад, балки он солҳои тулонӣ ба боди фаромӯшӣ дода мешавад. [3-М].

9. Аз рӯи «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и Садриддин Айнӣ маълум мешавад, ки фаъолияти ҳаракати ҷадидия дар оғози пайдоишаш характери маорифпарварию фарҳангиро дошт. Маҳз, Садриддин Айнӣ дар ҳамин давра ҳамчун маорифпарвар ва тараққипарвар баромад карда, барои ташкили аввалин мактаби усули савтияи тоҷикӣ саҳми худро гузоштааст ва аввалин китоби дарсиашро бо номи «Таҳзиб-ус-сибён» ба табъ расонидааст. Минбаъд, бо сабаби он ки, аз ибтидои бавуҷудоии ҷадидия роҳбарон ва тарафдорони ин ҷунбиши фарҳангӣ аз ҷониби рӯҳониёни мутаассиб ва ҳукумати амирӣ таъқибу фишор мегардиданд, фаъолияти макотиби усули савтияи онҳо низ дучори танқиду тазъиқ қарор мегирифтанд. Ин муносибати душманони мактаби навусули ҷадидони бухороӣ баръакс боиси он шуд, ки минбаъд, ҳаракати ҷадидон характери сиёсиро касб намояд. Бахусус, вақте ки соли 1909 мактаби усули ҷадиди Абдулвоҳиди Мунзим ва Садриддин Айнӣ бо фармоиши ҳукумати амирӣ баста шуд, ин воқеа ҷонибдорони ҳаракати навро на танҳо ба ғазаб овард, балки баръакс онҳоро сарҷамъ намуд ва ба ташаккулёбии ҷунбиши ҷадидия дар Бухоро дар солҳои 1909-1910 ҳамчун ҷараёни ҷамъиятию сиёсӣ ва ислоҳотгаро замина гузошт. Бо вуҷуди он ки А.Мунзим ва С. Айнӣ аз зумраи сарварони ҳаракати ҷадидон дар Бухоро маҳсуб меёфтанд, лекин Садриддин Айнӣ характери ислоҳоҳотхоҳонаи сиёсии ҷадидияро тарафдорӣ намекард.

Амири Бухоро барои ором кардани халқ ва мустаҳкам кардани пояи давлати худ 7 апрели соли 1917 дар бораи «Ислоҳот» баёния баровардa

бошад ҳам, дар ин манифест ба ғайр аз ваъдаҳои хушку холии умумӣ чизе набуд. Баъд аз эълони фармони ислоҳот баъзе аз тараққипарварон дар регистон фармонро ба аҳолӣ қироат намуда, табрикот карда, ба хаққи ҷаноби олӣ дуоҳо намуданд ва ба ваҷд омаданду бо шиори «Зинда бод амири озодидӯст» ба намоиш баромада, миннатдории тамаллуққоронаи худро ба амир ифода карданд. Садриддин Айнӣ бар зидди падидаҳои сиёсии ҷомеаи ҳамонвақтаи аморати Бухоро баромад карда, ҷадидони ислоҳотхоҳро аз ташкил кардани байрақбардорию митингҳо боздоштанӣ будааст [2-М].

10. Дар китоби мавриди назар, нуктаи назари Садриддин Айнӣ оид ба таъсиси аввалин мактаби тоҷикӣ бо усули савтия дар ибтидои асри XX дар Аморати Бухоро вокеъбинона ва холисона ифода ёфтааст. Ӯ ҳамчун омӯзгор ва маорифпарвар аввалин шахсест, ки тавассути асарҳояш дар рушди илму маорифи халқи тоҷик саҳм гирифтааст. Садриддин Айнӣ кӯшиш мекард, ки мактабу маорифро дигаргун ва замонавӣ кунад. Дар мактаби ташкилкардаи вай дар зарфи 5-6 моҳ хондану навиштанро аз худ мекарданд, дар мактаби кухна бошад, дар тӯли 5-6 сол. Ғайр аз ин, барномаҳои таълимии мактабҳои ҷадидон ба ҷуз хондану навиштан, таълими риёзӣ, ҷуғрофия, табиатшиносӣ, минерология ва анатомияро фаро мегирифт.

11. Дар асари мавриди пажӯҳиш воқеаҳои апрелии (соли 1917) Бухоро (намоиши «шукрона») хеле муфассал ва воқеъбинона таҷассум ёфтааст, ки ба аксарияти ҷавонбухороиён таъсири ҷиддӣ расонида, сабаб шуд, ки минбаъд амир Саид Олимхон мақому эътибори худро дар миёни аҳли зиёи Бухоро ва намояндагони пешқадами он - ҷадидон, ки қисман ҳанӯз ҳам ба ӯ дар роҳи ислоҳоти аморат бовар мекарданд, пурра аз даст диҳад ва ба сарнагун гардонидани тартиботи амирӣ дар Аморати Бухоро замина гузорад. Устод Айнӣ дар асари мазкур ба таърихи халқи худ аз диди нав рӯ оварда, дар он арзишҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва сиёсиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ҳамзамон, ӯ ҳамчун тараққипарвар хусусияти ислоҳоҳотхоҳонаи сиёсии ҷадидияро тарафдорӣ намекард. Зеро чунин меҳисобид, ки барои амалӣ гардонидани ислоҳот аввал танвири афкор ё худ инқилоби фикрӣ лозим аст [2-М].

12. Садриддин Айнӣ оид ба шикаст хӯрдани ҳаракати ҷадидон ва ташкили нақшаи сарнагун кардани тартиботи амирӣ дар Бухоро дар боби «Иҷмоли аҳволи тараққипарварон баъд аз Инқилоб» мухтасар маълумот додааст, ки барои муҳаққиқон ҳамчун сарчашмаи муътамад маҳсуб меёбад.

Пас аз нашри асари «Ислоҳот» ҳаммаслакони Айнӣ ғайр аз Мунзим зидди он баромад карда, ин намоиши бе ҳадафро ба вуҷуд оварданд. Амир Олимхон ва Насруллоҳбийи қушбегӣ худро зоҳиран ҷонибдори ислоҳоти ҳукумати Бухоро ва ҳамақида ба тараққипарварону мухолифини онҳо нишон медоданд, аммо сиёсати дурӯяро пеш гирифта буданд. Минбаъд, ҷадидонро «револютсионерон» - и хатарноктарин ҳисоб мекарданд, баъди намоиш онҳоро ба таъқибкунӣ даромаданд. Ҷаллодони амири Бухоро дар

кӯчаҳо ҳатто одамонеро ҳам медоштанд, ки сару либосашон назар ба ақидаи онҳо «ба рӯҳи мусулмонӣ» муносиб набудааст. Гурӯҳ - гурӯҳ одамони бегуноҳ ҳаррӯз ба марги пуразоб гирифтор мешуданд. Садҳо одамонро бо андак шубҳа чӯб зада ҷазо медоданд. Бо фармоиши амир Садриддин Айниро низ дастгир карда, 75 чӯб мезананд ва ба зиндон мепартоянд. Ин воқеа дар асари Айнӣ бо як сӯзу гудоз тасвир ёфтааст [2-М].

Ҳамин тариқ, дар ибтидои асри XX дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Осиёи Миёна, хусусан, Аморати Бухоро давраи нав оғоз мешавад. Ҳаракати ҷадидия дар аввали асри бист ҳамчун падидаи фарҳангию маърифатӣ, сипас ҳамчун падидаи сиёсию иҷтимоӣ дар миёни зиёиёни бедоргашта ва ислоҳотгарои маҳаллӣ арзи ҳастӣ намуд. Маҳз ҷадидон ақибмондагии маънавӣ, иқтисодӣ ва сиёсии амoратро ба хубӣ дарк намуда, инқилоби фикрии мардуми онро эҳсос кардаанд, ки дар асари «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и Садриддин Айнӣ воқеъбинона ва ҳаққонӣ инъикоси худро ёфтааст. Маълумотҳои дар асари «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» овардаи Садриддин Айнӣ хеле гаронбаҳо буда, ҳамчун сарчашмаи таърихӣ барои шинохти падидаҳои пешқадами Аморати Бухоро, аз он ҷумла ҳаёти халқи тоҷик дар аввали асри XX хизмат мекунанд.

## 2.Тавсияҳои оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Бо мақсади ҳамаҷониба мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додани мавзӯи «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и Садриддин Айнӣ – ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» ба инобат гирифтани масъалаҳои зерин ба манфиати кор аст:

1. Таҳлилу мавриди таҳқиқ қарор додани мавзӯи мазкур моро ба гузаштаи худ шинос менамояд, то киояндаи худро бо таҷдиди нав созем ва ба он хатоиҳое, ки халқи тоҷик дар масири таърих аз сар гузаронидааст, роҳ надиҳем;

2. Бо вуҷуди таҳқиқоти бузурги осори таърихӣ, фарҳангию сиёсӣ ва иҷтимоии Садриддин Айнӣ, ки дар асри XX аз тарафи таърихнигорон, адабиётшиносон, забоншиносон, сиёсатшиносон ба сомон расонида шудаанд, дар замони муосир низ таҳқиқи дурусти ин масъалаҳо боиси таваҷҷӯҳи олимон аст. Азҷумла, осори дар аввали қарни XX эҷодкардаи Садриддин Айнӣ дорои муҳтавои гуногун буда, баъзе саҳифаҳои он то ҳол норавшан ва баҳсталаб боқӣ мемонанд;

3. Мақолаҳо, очеркҳо ва асарҳои моҳияти илмиву фарҳангӣ ва сиёсидоштаи устод Садриддин Айнӣ, ки дар тӯли ҳаёти эҷодиаш офарида шудаанд, дар матбуоти тоҷикӣ, ӯзбекӣ, тоторӣ ва озарбойҷонӣ нашр гардида, то ҳол ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудаанд. Ҳар як асари Садриддин Айнӣ, ки бо тақозои ҳаёти маънавии ҷамъият эҷод шудааст, моҳиятан гузориши бузурге дар таҳқиқи тамаддуни халқи тоҷик ба шумор рафта, дар марҳилаҳои муайяни мушаххаси таърихӣ вазифаҳои муҳимми иҷтимоӣ, сиёсӣ, илмӣ ва адабию

фарҳангиро иҷро намудааст. Аз ин ҷост, ки солҳои охир аз ҷониби пажӯҳишгарон осори номаълуми устод Садриддин Айнӣ пайдо ва мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтаанд, марҳилаи нави шинохти рӯзгор ва осори ин абармарди халқи тоҷикро ибтидо бахшидаанд ва аз муҳаққиқон ва олимон таваҷҷӯҳи махсусро тақозо мекунанд.

4.Таълими таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро дар асоси осори пурғановати Садриддин Айнӣ чун курси махсус барои донишҷӯёни факултетҳои таърих аз манфиат холӣ нест;

5. Дар шакли хрестоматия ба нашр расонидани маълумоти Садриддин Айнӣ доир ба мавзӯъ низ барои аҳли илм ва донишҷӯён муфид хоҳад буд.

6. Мавриди омӯзиш қарор додани маводи бойгониҳои Душанбе ва Тошканд перомуни таърихи инқилоби фикрӣ ва нашри онҳо низ барои омӯзиши таърихи кишвар манфиат дорад.

**Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар интишороти зерини муаллиф таҷассум ёфтаанд:**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М] Ҳамидова М.М. Инъикоси ихтилофи шиаву суннӣ ва оқибатҳои он дар «Инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и Садриддин Айнӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ // Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С. Айнӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- ISSN 2219-5408 № 3(80) Душанбе, 2019, саҳ.255

[2-М] Ҳамидова М.М. Инъикоси омода ва эълони лоиҳаи ислоҳот аз тарафи амири Бухоро дар асари С. Айнӣ «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ: Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С. Айнӣ Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон.- ISSN 2219-5408 № 6.- (95).- Душанбе, 2021.- С. 268.

[3-М] Ҳамидова М.М. Аз таърихи иншои асари устод С.Айнӣ “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро”//Ахбори АМИТ//Нашрияи Академияи миллии илмии Тоҷикистон. ISSS 2027-2569 №2-22(018)-Душанбе, 2022. (дар ҳаммуаллифӣ бо Ғаффорӣ Н.У.)

**Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба табърасида:**

[4-М] Ҳамидова М.М. Нақши Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон - дар шинохти Садридин Айнӣ//Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ илмӣ – назариявӣ таҳти унвони “Пешвои миллат эҳёгари тамаддуни тоҷикон”// нашриёти “Ношир”:- Хуҷанд: Ношир, 2019.- С.445.

[5-М] Ҳамидова М.М. Инъикоси таъсири инқилоби февралии Россия ба Бухоро дар асари «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и Садриддин Айнӣ» // Маводи конфронси анъанавии илмӣ - амалии ДДҲБСТ.- Хуҷанд: Дабир, 2021.- С.78.

[6-М] Ҳамидова М.М. Саҳми олимони тоҷик дар раванди илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқ дар марҳилаҳои таърихӣ//маводи конфронси илмӣ –

амалии олимону профессорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ.- Хуҷанд: Дабир, 2021.- С.90.

[7-М] Ҳамидова М.М. Афкори ҷамъиятӣ - сиёсӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар марҳилаҳои таърихӣ // Маводи конфронси илмӣ – амалии олимону профессорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ.- Хуҷанд: Дабир, 2021.- С.111.

[8-М] Ҳамидова М.М. Садриддин Айнӣ – эҳёгари таъриху фарҳанги халқи тоҷик // Маводи конфронси илмӣ – амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ.- Хуҷанд: Дабир, 2022.- С.178.

**МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ПРАВА, БИЗНЕСА И ПОЛИТИКИ**

**УДК:63.3 (5Т)** *На правах рукописи*

**ХАМИДОВА МАНЗУРА МАХМУДОВНА**

# «ИСТОРИЯ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЙ РЕВОЛЮЦИИ В БУХАРЕ» САДРИДДИНА АЙНИ КАК ИСТОРИЧЕСКИЙ ИСТОЧНИК

**АВТОРЕФЕРАТ**
диссертации на соискание ученой степени
кандидата исторических наук по специальности
07.00.09 – Историография, источниковедение и
методы исторических исследований
(исторические науки)

**Душанбе – 2022**

Диссертация выполнена на кафедре истории и религиоведения Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Гаффори Нумонджон Усмонзода** – доктор исторических наук, профессор Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики |
| **Официальные оппоненты:** | **Пирумшоев Хайдаршо** – доктор исторических наук, профессор главный научный соотрудник отдела древней, средневековой и новой истории Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониша НАНТ<br>**Шарипов Шавкат –** кандидат исторических наук, доцент кафедры истории таджикского народа Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова |
| **Ведущая организация:** | **Бохтарский государственный университет имени Насыра Хусрава** |

Защита состоится 16 февраля 2023 года в 15.00 часов на заседании диссертационного совета 6D.KOA-035 по защите диссертаций на соискание ученой степени доктора философии (PhD), доктора по специальности при Институте истории, археологии и этнографии им. Ахмада Дониша Национальной академии наук Таджикистана, по адресу: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33.

С диссертацией и авторефератом можно ознакомиться в Центральной научной библиотеке имени Индиры Ганди Национальной академии наук Таджикистана (734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33) и на официальном сайте Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша Национальной академии наук Таджикистана (www.institute-history.tj)

Автореферат разослан “_____”____________ 2023 года

**Ученый секретарь**
**диссертационного совета,**
**доктор исторических наук** **Раджабов А.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования**. В истории народа и государства существуют уникальные персоны, ставшие представителями целого исторического этапа, в жизни которых нашли отражение события и явления определенного исторического периода страны. Одной из таких личностей в истории и культуре таджикского народа является выдающийся писатель, основоположник таджикской советской литературы, Герой Таджикистана Садриддин Айни (1878-1954). Основоположник мира и национального единства – лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон в речи на встрече с интеллигенцией страны (2008 год) отметил героическую самоотверженную деятельность прославленного сына таджикского народа: «Именно в этот период возникло национальное движение шуубия, связанное с именем Садриддина Айни и других верных сыновей таджикского народа, которое по праву можно назвать движением шуубия советской эпохи. Садриддин Айни является примером прогрессивного интеллигента, посвятившего свою жизнь и всю многогранную деятельность служению таджикскому народу. В период создания Республики Таджикистан он все свое существо посвятил ей и внес уникальный вклад в развитие языка, литературы, науки, образования и культуры таджикского народа»[1].

Садриддин Айни как историограф является автором целого ряда научных произведений по истории Средней Азии конца XIX-начала XX веков, в которых исторические события реалистически воплощены и включены в научный фонд как классические произведения. Следует отметить, что в таджикской историографии имеет особое значение исследование роли и статуса Садриддина Айни и его ценного наследия, объективно и реально отражающих политическую, общественную и культурную жизнь таджикского народа.

Одним из актуальных вопросов, привлекающих интерес интеллигенции и исследователей, при этом оказавшим глубокое влияние на развитие современного социума, является генезис интеллектуальной революции. В связи с этим большое научное значение обретает изучение истории интеллектуальной революции и ее истоков на основе произведения Садриддина Айни «История интеллектуальной революции в Бухаре». В указанном произведении Садриддин Айни как историограф отразил реалии наиболее сложного периода в истории таджикского народа, который, словно зеркало, отражает реальные события политической, общественной и экономической жизни конца XIX-начала XX века в Бухарском эмирате. Оно демонстрирует читателю ложь, обман и честолюбие реакционных религиозных кругов, безучастие эмиров и, в то же время, реалии тяжкой до невыносимости жизни жителей Бухары, в том числе таджикского народа. Из исследуемого произведения видно, что интерес С. Айни больше всего привлек характер исторических событий конца XIX века-начала XX веков, и свои

---

[1] Раҳмон Эмомалӣ. Муждаи бахту пайки пирӯзӣ // Омӯзгор.- №13.- 2008.- 28 март.

